*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 4-5 (4744-4745) | ДУШАНБЕ, 8 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон озод намудани Насредин Исматулло**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Насредин Исматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Бангладеш озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2024, № 669**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2024, № 2, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Насредин Исматулло**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Насредин Исматулло муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2024, № 3, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Фаррух Ҳомиддин муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳаштуми январи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи он аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**



**8-уми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар карданд.**

## САФАРИ РАСМИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

Дар ин сафар Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**8-уми январи соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон вориди шаҳри Теҳрон гардиданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Теҳрон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро муовини Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар шахсони расмӣ самимӣ истиқбол гирифтанд.

**8-уми январи соли ҷорӣ дар шаҳри Теҳрон дар доираи сафари расмӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадбоқир Қолибоф мулоқот намуданд.**

Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадбоқир Қолибоф Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро ба Ҷумҳурии Исломии Эрон самимона хайра мақдам гуфт.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон барои даъват ҷиҳати анҷоми сафари расмӣ ва пазироии самимӣ изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

Дар ҷараёни мулоқоту музокироти ҳайатҳо доираи васеи масъалаҳои муҳиму афзалиятноки равобит ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки муколамаи сиёсии сатҳи олии Тоҷикистону Эрон дар таҳкими пайгиронаи муносибатҳо ва густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба нақши созанда дорад.

Ҷонибҳо нақш ва аҳамияти парламентҳоро дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ хеле муҳим ва калидӣ ҳисобида, ҳавасмандии хешро ҷиҳати густариши робитаҳои байниҳамдигарӣ баён доштанд.

Имрӯз ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва дигар робитаҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эронро 200 санади ҳамкорӣ ба танзим медароранд.

Дар робита ба ин фаъолияти самарабахши Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Эрон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ махсус қайд гардид. Ҷонибҳо бо таваҷҷуҳ ба мавҷудияти имконоти фаровони Тоҷикистону Эрон ҳавасмандиро ҷиҳати афзоиши муомилоти тиҷоратии миёни ҳар ду кишвар то 500 миллион доллар таъкид намуданд. Бинобар ин, татбиқи лоиҳаҳои муҳим дар соҳаҳои саноат, энергетика, нақлиёт, коркарди маъдан, кишоварзӣ ва сайёҳӣ бо ҷалби сармоягузориҳои муштарак ба нафъи ҳар ду ҷониб дониста шуд.

Ба масъалаи тавсеаи робитаҳои судманд дар бахшҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва фарҳанг таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, ҷудо намудани бурсияҳои таҳсилӣ ва табодули донишомӯзон дар риштаҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва технологояҳои муосир, таъсиси корхонаҳои муштараки дорусозӣ, омода намудан ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи тиб, рушди бахши саёҳати офиятбахш, идомаи анъанаҳои неки равобити фарҳангӣ, аз қабили ташкили Рӯзҳои фарҳангӣ ва тадбирҳои ҳифзу нигаҳдошти забони тоҷикӣ-форсӣ аз самтҳои воқеии рушди ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ арзёбӣ шуданд.

Дар ҷараёни музокирот ҷонибҳо атрофи масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вазъи Афғонистон, қазияи Фаластин ва дигар мавзуъҳои рӯзномаи ҷаҳонӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар фарҷом Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Муҳаммадбоқир Қолибоф даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон муносиб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом диҳанд.



Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд.

Аз натиҷаи музокироти дуҷониба Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расид, ки ба тавсеаи робитаҳои байнипарламентӣ ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҳар ду кишвар равона шудааст.

Санади нави ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки муколамаи созанда ва пайвастаи байнипарламентии Тоҷикистону Эрон дар сатҳу мазмуни баланд идома дода шавад.

**www.majmilli.tj**

## ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОН БА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10 декабри соли 1999 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 298; с. 2007, № 5, мод. 353; с. 2012, № 8, мод. 813; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 383, № 11, мод. 640; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 269; с. 2019, № 7, мод. 461) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар тамоми матни Қонуни конститутсионии мазкур калимаҳои «ҳамин Қонун» ва «ҳамин Қонунро» мувофиқан ба калимаҳои «Қонуни конститутсионии мазкур» ва «Қонуни конститутсионии мазкурро» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаҳои 1 ва 4 калимаҳои «мустақим» ва «мустақиман» ба калимаи «бевосита» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 6:

- дар қисми якум калимаи «Таёйрӣ» ба калимаи «Тайёрӣ» иваз карда шуда, пеш аз калимаи «ошкоро» калимаҳои «шаффоф ва» илова карда шаванд;
- дар қисмҳои сеюм ва панҷум калимаҳои «(нозир)» ва «нозирон» мувофиқан ба калимаҳои «(мушоҳид)» ва «мушоҳидон» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 8:

- дар қисми чорум калимаи «дeратр» ба калимаи «дертар» иваз карда шавад;
- дар қисми ҳафтум калимаҳои «Комисиияи» ва «ва ҳудуди ҳар участкаи интихоботро» мувофиқан ба калимаҳои «Комиссияи» ва «ва дар бораи ҳудуди ҳар участкаи интихобот» иваз карда шаванд.

5. Номи боби сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад: **«III. КОМИССИЯҲОИ ИНТИХОБОТӢ»**.

6. Дар номи моддаи 9 калимаи «Системаи» ба калимаи «Низоми» иваз карда шавад.

7. Дар сархати сездаҳуми моддаи 11 калимаҳои «аз хусуси» ва «амали» мувофиқан ба калимаҳои «дар хусуси» ва «амал (беамалӣ)-и» иваз карда шаванд.

8. Дар моддаи 13:

- ба сархати сеюм пас аз калимаи «номзадҳо» калимаҳои «ба вакилӣ» илова карда шаванд;
- дар сархати ҳаштум калимаи «участкаҳои» ба калимаҳои «комиссияҳои участкавии» иваз карда шавад.

9. Дар номи моддаи 15 калимаи «комиссияҳои» ба калимаи «комиссияи» иваз карда шавад.

10. Дар қисми сеюми моддаи 16 калимаи «талабҳои» ба калимаи «талаботи» иваз карда шавад.

11. Дар қисми чоруми моддаи 17 калимаҳои «ва мақомоти» ба аломати вергул иваз карда шавад.

12. Дар моддаи 18 калимаи «нозирон» ба калимаи «мушоҳидон» иваз карда шавад.

13. Дар моддаи 19:

- дар қисми чорум калимаҳои «Фамилияи» ва «зикр» мувофиқан ба калимаҳои «Насаби» ва «сабт» иваз карда шаванд;
- дар қисми панҷум калимаи «фамилия» ба калимаи «насаб» иваз карда шавад.

14. Дар номи моддаи 21 калимаи «ғалати» ба калимаҳои «саҳву хатои» иваз карда шавад.

15. Дар моддаи 22 калимаи «паспорт» ба калимаи «шиноснома» иваз карда шавад.

16. Номи боби панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад: **«V. ПЕШБАРӢ ВА БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО БА ВАКИЛӢ»**.

17. Дар қисми якуми моддаи 23 калимаи «хатми» ба калимаҳои «ба охир расидани» иваз карда шавад.

18. Дар моддаи 24:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Барои пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҳизбҳои сиёсии аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда ва ҳамчунин шаҳрвандон аз тариқи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ доранд шахсонеро, ки узви ҳизби сиёсӣ нестанд, ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ номзад пешниҳод намоянд.»;

- қисмҳои сеюм ва чорум хориҷ карда шаванд.

19. Дар моддаи 25:

- дар қисми якум калимаҳои «хатм мегардад» ба калимаҳои «ба охир мерасад» иваз карда шаванд;
- дар қисми чорум калимаи «маҷлиси» ба калимаҳои «Маҷлиси вакилони халқи» иваз карда шуда, пас аз калимаи «ҳудуди» калимаи «дахлдори» илова карда шавад;
- қисми ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар ҳолати худпешбарӣ номзад ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе имзои 200 нафар ва номзад ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи шаҳр ва ноҳия имзои 100 нафар интихобкунандаро аз ҳавзаи дахлдори интихоботӣ якҷо бо ариза пешниҳод менамояд.».

20. Дар моддаи 26:

- ба қисми чорум пас аз калимаи «номзад» калимаҳои «ба вакилӣ» илова карда шаванд;
- дар сархати якуми қисми чорум калимаҳои «ҷавоб дода наметавонанд» ба калимаҳои «ҷавобгӯ нестанд» иваз карда шаванд.

21. Дар моддаи 27:

- ба қисми якум пас аз калимаҳои «номзадҳоро» ва «шудаанд» мувофиқан калимаҳои «ба вакилӣ» ва аломати вергул илова карда шаванд;
- дар қисми шашум калимаҳои «аъзои» ва «вазифаи аъзои» мувофиқан ба калимаҳои «узви» ва «узвияти» иваз карда шаванд;
- дар қисми ҳафтум калимаҳои «ному насаб» ба калимаҳои «насаб, ном, номи падар» иваз карда шаванд;
- дар қисми ҳаштум калимаи «маҳаллӣ» ба калимаҳои «маҳаллии вакилони халқ» иваз карда шавад.

22. Ба номи моддаи 29 пас аз калимаи «номзадҳо» калимаҳои «ба вакилӣ» илова карда шаванд.

23. Дар моддаи 30:

- аз қисми якум калимаи «кулли» хориҷ карда шавад;

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

### Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ЗАМИНРО БОЯД ҲИФЗ КАРД

### ТАҒЙИРЁБИИ ТАРКИБИ ЗАМИН ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ УСТУВОРИ КИШОВАРЗӢ

**Ин андеша, пеш аз ҳама, аз он сар зад, ки 15-20 сол пеш, вақте ба ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Фархор рафтуомад доштем, медидем, ки дар заминҳои канори роҳ қади ниҳолҳои пахта аз ду ваҷаб баланд нестанд, ҳатто дар баъзе қитъаҳо аз ин ҳам пасттаранд.**

Ин мушкилот, яъне, аз рушд мондани соҳаи кишоварзӣ, махсусан пахтакорӣ, таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба худ ҷалб кард. Аз ин рӯ, 15 апрели соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдорро вазифадор намуда, чунин таъкид карда буданд: «Дар айни ҳол дар мамлакат 57 ҳазор гектар замин аз истифода берун мондааст». Сарвари давлат яке аз сабабҳои паст будани нишондиҳандаҳо ва рушди бахши асосии кишоварзӣ - пахтакориро дар бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои баъзе минтақаҳо донистанд.

Нигоҳубин ва серҳосил кардани замин вазифаи муҳими кормандони соҳаи кишоварзӣ буда, истифодаи мақсадноки он нишони фарҳанги заминдорист. Ин нуктаро Президенти кишвар дар Паёмашон аз 20 апрели соли 2012 низ зикр карда, иброз доштанд: «Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз он вобастагӣ дорад, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо ва азхудкунии заминҳои нав мебошад».

Дар Паёмии навбатиашон (28 декабри соли 2023) Сарвари давлат ба ҳамаи кишоварзони кишвар миннатдорӣ баён намуда, чунин изҳор намуданд: «Фаромӯш набояд кард, ки дар се даҳсолаи гузашта аҳолии Тоҷикистон аз 5 миллион ба 10 миллион расид, яъне талабот ба маҳсулоти ғизоӣ ду баробар афзоиш ёфт». Воқеан, таъминот ба маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ дар он вақт даст медиҳад, ки ҳолати мелиоративии ҳазорҳо гектар заминро беҳтар гардонида, заминҳои аз гардиши кишоварзӣ бозмондаро ба гардиш даровард.

Зери мафҳуми зарфияти мелиоратсия беҳдошти заминҳои таъиноти кишоварзӣ фаҳмида мешавад. Бинобар ин, маҳз беҳдошти замин дар меҳвари «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» меистад. Тараққиёте, ки талаботи имрӯзаи аҳолиро пурра қонеъ гардонда, барои талаботи наслҳои оянда заминаи мувофиқ муҳайё месозад, аз ҳолати қитъаҳои киштшаванда вобаста аст. Мо бояд сокинони кишварро бо ғизои хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намоем. Аз ин лиҳоз, рушди ин соҳа ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат буда, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 иброз доштанд: «Дар давраи соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла бунёду азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудкунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмиҳои аълосифат ва дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба маблағгузорӣ, 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст. Ҳоло дар кишвар боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст».

Воқеан, мелиоратсия ин тадбирест муҳим барои наҷот додани замин аз шӯршавӣ ва эрозия, обёрии илмӣ неруи ҳаётбахши заминро эҳё мекунад ва омили муҳимтарини серҳосилӣ буда, аз маҷмӯи тадбирандешиҳо иборат аст, ки боис мегардад, то замин таркиби аслии худро гум накунад ва аз як шакл ба шакли дигар нагузарад. Ба таври дигар гӯем, мелиоратсия омили «тандурустӣ»-и замин аст. Ҳосилнокӣ ва маҳсулнокӣ, тағйир ёфтани ҳолатҳои табиӣ ё беҳтарсозии шаклу таркиби замин аз мелиоратсия вобаста мебошад. Аз ин рӯ, тамоми тадбирҳоро андешидан лозим, то ки ҳосилнокии замин ҳифз гардад.

**(Давомаш дар саҳ. 8)**

# ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОН БА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ»

**(Идома аз саҳ. 1)**

- дар қисми дуюм пас аз калимаи «то» калимаи «баргузории» илова карда шуда, калимаи «моувини» ба калимаи «муовини» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаи «мавҷуданд» ба калимаҳои «нигоҳ дошта мешаванд» иваз карда шавад.

24. Дар қисми якуми моддаи 31 калимаҳои «Маҷлисҳои маҳаллӣ» ба калимаҳои «Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» иваз карда шаванд.

25. Дар моддаи 32 калимаи «хеш» ба калимаи «худ» иваз карда шавад.

26. Дар моддаи 34:

- дар қисми дуюм пас аз калимаи «намудаанд» аломати вергул хориҷ карда шуда, калимаи «гирдиҳамоиҳо» ба калимаи «ҷамъомадҳо» иваз карда шавад.

- дар қисми сеюм калимаҳои «бо асосҳои» ба калимаҳои «дар асосҳои» иваз карда шуда, калимаи «участкавии» хориҷ карда шавад.

27. Дар моддаи 35 калимаҳои «вакилӣ», «гирдиҳамоиҳо» ва «ҷудо карда,» мувофиқан ба калимаҳои «вакилии Маҷлиси вакилони халқ», «ҷамъомадҳо» ва «ҷудокарда» иваз карда шуда, пас аз калимаи «радио» аломати вергул хориҷ карда шавад.

28. Дар моддаи 36:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад;

«**Моддаи 36. Ҳуқуқи ройгон сафар кардани номзад ба вакилӣ**»;

- дар матни модда калимаҳои «бе пул» ба калимаи «ройгон» иваз карда шаванд.

29. Матни моддаи 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Номзад ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони ҳалқро бе розигии комиссияи интихоботи дахлдори вилоят, шаҳр, ноҳия ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир шуданаш дар ҷойи содир намудани ҷиноят.».

30. Дар моддаи 38 калимаҳои «вакилон дар», «участкавӣ» ва «тамом шуда» мувофиқан ба калимаҳои «вакилон ба», «участкавии интихобот» ва «тамомшуда» иваз карда шаванд.

31. Дар моддаи 39:

- дар қисми сеюм калимаи «хоҳиши» ба калимаи «иродаи» иваз карда шуда, пас аз калимаи «интихобкунандагон» аломати вергул илова карда шавад;

- дар қисми панҷум калимаи «паспорт» ба калимаи «шиноснома» иваз карда шавад;

- дар қисми шашум калимаи «фамилияи» ба калимаи «насаби» иваз карда шавад.

32. Дар моддаи 40:

- ҷумлаи сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, ҳуқуқ дорад ба ҳуҷра ё хонаи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро, ғайр аз аъзои комиссияи интихобот, шахсони боэътимоди номзадҳо, намояндагони воситаҳои ахбори омма, мушоҳидон, даъват кунад.».

- дар ҷумлаи ҳафтум калимаҳои «яке аз аъзоёни» ба калимаҳои «узви ҷудогонаи» иваз карда шаванд.

33. Дар моддаи 41:

- дар қисми дуюм калимаҳои «ҳисоб ва ботил мекунанд» ба калимаҳои «шуморида, аз ҳисоб мебароранд» иваз карда шаванд;

- ба қисми дуюм ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Аз ҳисоб баровардани бюллетенҳои интихоботии истифоданашуда бо роҳи буридани тарафи рости қисми поёнии бюллетен сурат мегирад.»;

- дар ҷумлаҳои дуюм ва сеюми қисми панҷум калимаҳои «интихоботӣ буда» ва «фамилияҳои» мувофиқан ба калимаҳои «овоздиҳӣ буда» ва «насабҳои» иваз карда шаванд;

- қисми шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ба аъзои комиссияи интихобот, ба истиснои раис ва котиби комиссия, ҳангоми ҳисобкунии овозҳо доштани воситаҳои хатнависӣ мумкин нест.»;

- дар қисми шашум калимаҳои «ғайри муқаррарӣ» ва «ҳини» мувофиқан ба калимаҳои «ғайримуқаррарӣ» ва «ҳангоми» иваз карда шаванд;

- қисмҳои шашум ва ҳафтум мувофиқан қисмҳои ҳафтум ва ҳаштум ҳисобида шаванд;

- қисми нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Протоколи комиссияи участкавии интихобот ҳамон вақт боэътибор ҳисобида мешавад, ки агар онро аз нисф зиёди аъзои комиссия имзо карда бошад.».

34. Дар номи моддаи 42 калимаи «ҳавза» ба калимаҳои «ҳавзаи интихоботӣ» иваз карда шавад.

35. Дар моддаи 43:

- ба қисми якум пас аз калимаҳои «протоколҳои комиссияҳои» калимаи «ҳавзавии» илова карда шавад;

- ба қисми дуюм пас аз калимаи «интихоботро» калимаҳои «дар ҳавзаи дахлдор» илова карда шаванд.

36. Матни моддаи 44 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Комиссияи дахлдори интихобот ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар бораи натиҷаи интихобот ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи дахлдор хабар ва рӯйхати вакилони интихобшударо дар муддати на дертар аз ҳафт рӯзи баъди интихобот бо тартиби алифбо ва бо зикри насаб, ном, номи падар, вазифа (шуғл), ҳизбият, ҷои кор ва истиқомат, ҳавзаи интихобот, ки ӯ вакил интихоб шудааст, дар матбуот чоп мекунад.».

37. Қисми дуюми моддаи 45 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Пас аз он ки Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи дахлдор ваколатҳои вакилони интихобгардидаро тасдиқ менамояд, ба онҳо ба ҷои шаҳодатнома дар хусуси вакил интихоб шуданашон шаҳодатномаи вакилӣ ва нишони сарисинагии дахлдор дода мешавад.».

38. Ба қисми сеюми моддаи 46 пас аз калимаҳои «ба номзад» калимаҳои «ба вакилӣ» илова карда шаванд.

39. Дар қисми якуми моддаи 47 калимаҳои «интихобти» ва «интихбот» мувофиқан ба калимаҳои «интихоботи» ва «интихобот» иваз карда шаванд.

40. Дар моддаи 48:

- дар қисми якум калимаҳои «талабҳои», «як моҳ» ва «як моҳ қабл» мувофиқан ба калимаҳои «талаботи», «30 рӯз» ва «30 рӯз пеш» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «қабл аз хатми мӯҳлати» ба калимаҳои «пеш аз қатъи» иваз карда шуда, пас аз калимаи «вакил» аломати вергул илова карда шавад.

41. Дар номи моддаи $48^1$ калимаи «Интихобот» ба калимаҳои «Гузаронидани интихобот» иваз карда шавад.

42. Дар моддаи 51 калимаи «ин» ба калимаи «ҳамин» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2016**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

Мутобиқи моддаи 61 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 466**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 ноябри соли 2023, № 1148**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод.989, мод.990; с.2009, №5, мод.321, №9-10, мод.543; с.2010, №1, мод.2, мод.5, №3, мод.153, №7, мод.547, №12, қ.1, мод.812; с. 2011, №6, мод.430, мод.431, №7-8, мод.610, №12, мод.838; с.2012, №4, мод.256, №7, мод.685, мод.693, №8, мод.814, №12, қ.1, мод.1004; с.2013, №3, мод.181, №7, мод.508; с.2014, №3, мод.143, мод.144, №7, қ.1, мод.389, мод.390; с.2015, №3, мод.201, №7-9, мод.707, мод.708, №11, мод.955, №12, қ.1, мод.1108; с.2016, №3, мод.130, мод.131, мод.132, №5, мод.359, мод.361, №7, мод.613, мод.614, №11, мод.877; с.2017, №1-2, мод.5, мод.6, №5, қ.1, мод.275, №7-9, мод.568, мод.585; с.2018, №1, мод.9, №5, мод.268, мод.269; с.2019, №1, мод.8, №6, мод.312, мод.313, №7, мод.464; с.2020, №1, мод.6, №7-9, мод.604, мод.606, мод.621, №12, мод.900, мод.901; с.2021, №6, мод.384, мод.385, №12, қ.2, мод.686, мод.687, мод.688, мод.689; с.2022, №1-3, мод.12, №7, мод.443, №12, қ.2, мод.768), моддаи $346^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $346^1$. Риоя накардани талаботи истифодаи таваққуфгоҳҳои муздноки дорои низоми худкори идоракунӣ**

1. Барои аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд овардани монеа ҳангоми истифодабарии ҷойҳои таваққуф дар ҳудуди таваққуфгоҳи муздноки дорои низоми худкори идоракунӣ, -

ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникии танзимкунанда ё дигар молу мулки дар ҳудуди таваққуфгоҳи муздноки дорои низоми худкори идоракунӣ буда, -

ба андозаи аз як то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

3. Барои аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт бе пардохти маблағи хизматрасонии истифодабарӣ тарк кардани ҳудуди таваққуфгоҳи муздноки дорои низоми худкори идоракунӣ, -

ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2018**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 439**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1035**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ. 1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; с. 2021, №1-2, мод. 5, №4, мод. 197, №12, қ. 2, мод. 684, мод. 685; с. 2022, №1-3, мод. 4, №7, мод. 442, №12, қ. 2, мод. 766, мод. 767), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати шашуми қисми 1 моддаи 138 калимаи «ҷустуҷӯи» ба калимаҳои «ҷустуҷӯ ва супоридани» иваз карда шавад.

2. Фасли XII хориҷ ва қисми IV бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«ҚИСМИ IV.**
**ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**

**ФАСЛИ XII.**
**ҲАМКОРИИ СУДҲО, ПРОКУРОРҲО, МУФАТТИШОН ВА МАҚОМОТИ ТАҲҚИҚ БО МАҚОМОТ ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ**

**БОБИ 48.**
**ҲАМКОРИИ СУДҲО, ПРОКУРОРҲО, МУФАТТИШОН ВА МАҚОМОТИ ТАҲҚИҚ БО МАҚОМОТ ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ ДАХЛДОРИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ТАРТИБИ РАСОНИДАНИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ**

**Моддаи 470. Доираи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ**

1. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқии мутақобила бо мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷие, ки барои иҷрои амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ, супоридани ҳуҷҷатҳо, баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ, супоридани шахс ва дар муҳлати муайяншуда бозпас гардонидани шахси муваққатан супоридашуда, шахси мубталои бемории рӯҳӣ, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, интиқоли транзитӣ ва супоридани муваққатии шахс, эътироф ва иҷрои санадҳои судӣ дар асоси шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба амал бароварда мешавад.

2. Шаклҳои дигари ҳамкорӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ, ки дар Кодекси мазкур пешбинӣ нашудаанд, метавонанд бо созиши тарафҳо муқаррар гарданд.

**Моддаи 471. Расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Дар мавриди мавҷуд набудани шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқӣ мумкин аст дар асоси дархости давлати хориҷӣ ва ё дархости мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳамкории тарафҳо расонида шавад.

2. Мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати хориҷӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ дархост ирсол карда, ба давлати дархостшаванда дар шакли хаттӣ кафолат медиҳад, ки дар оянда дархости он тарафро дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд.

3. Мувофиқи шартҳои қисми 1 моддаи мазкур мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости давлати хориҷиро, танҳо дар сурати мавҷуд будани кафолати хаттии тарафи дархосткунанда ҷиҳати дар оянда қабул ва баррасӣ намудани дархости Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳамкории тарафҳо, баррасӣ менамояд.

4. Мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба давлати хориҷӣ дар асоси ҳамкории тарафҳо Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Дар мавриди мавҷуд набудани шартномаи байналмилалӣ бо давлати хориҷӣ мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост оид ба расонидании ёрии ҳуқуқиро ба тарафи дархостшаванда бо роҳҳои дипломатӣ мефиристонад.

**Моддаи 472. Мақомоти марказӣ ва ваколатдор**

1. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти мурофиаи ҷиноятӣ буда, вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ муроҷиат намуда, инчунин дархостҳои мақомоти марказӣ ва ваколатдори давлатҳои хориҷиро баррасӣ менамояд.

2. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказӣ ба судҳои давлатҳои хориҷӣ бо дархостҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ вобаста ба пешбурди мурофиаи судӣ муроҷиат намуда, дархостҳои дахлдори судҳои давлатҳои хориҷиро баррасӣ менамояд.

3. Мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятии дар пешбурдашон қарордошта бо дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ вобаста ба гузаронидани амалҳои мурофиавие, ки розигии прокурор ва иҷозати судро талаб наменамоянд, ба мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ бевосита муроҷиат намуда, чунин дархостҳои мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷиро иҷро менамоянд.

4. Дархостҳои дигар оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ танҳо тавассути мақомоти марказӣ - Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол ва қабул карда мешаванд.

**Моддаи 473. Дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар асоси талаботи Кодекси мазкур ва ё шартномаи байналмилалии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

2. Дархост ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашаванда дар шакли хаттӣ дар бланкаи расмӣ, ки бо имзои роҳбари мақомоти ваколатдор ё шахсе, ки ӯро иваз мекунад ва муҳри нишондор тасдиқ карда шудаанд, тартиб дода мешаванд.

3. Дархост ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашаванда бо забони дар шартномаи байналмилалии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда ва дар сурати набудани он, бо забони давлати дархостшаванда ё дархосткунанда ё бо забони пазируфтаи тарафҳо тарҷума ва ирсол карда мешаванд.

4. Дархост аз ҷониби мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати хориҷӣ тавассути почта, дар ҳолатҳои фаврӣ бо почтаи электронӣ, факс ё воситаи дигари алоқа фиристонида мешавад. Дар чунин ҳолат нусхаи аслии дархост тавассути почта на дертар аз панҷ шабонарӯз пас аз лаҳзаи ирсол тавассути почтаи электронӣ, факс ё воситаи дигари алоқа фиристонида мешавад.

5. Дар сурати рад кардан аз ирсоли дархост, ҳамаи мавод аз ҷониби мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоте, ки дархостро пешниҳод кардааст, бо дарҷ намудани камбудиҳое, ки бояд бартараф карда шаванд ё сабабҳои ғайриимкон будани ирсоли дархост, бозпас гардонида мешаванд.

6. Мақомоти марказӣ ва ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дархости мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ, ки тавассути почтаи электронӣ, факс ё воситаи дигари алоқа ворид шудаанд, мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Иҷрои чунин дархост танҳо дар мавриди тасдиқ шудани ирсол ё супоридани нусхаи аслии дархост ба иҷро расонида мешавад. Маводи иҷрои дархост танҳо дар сурати аз ҷониби мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани нусхаи аслии дархост ба мақомоти марказӣ ва ваколатдори давлати хориҷӣ фиристонида мешавад.

**Моддаи 474. Ҳақиқӣ будани ҳуҷҷатҳо**

1. Ҳуҷҷатҳои дар робита бо дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ пешниҳодшуда, ки аз ҷониби шахси расмии мақомоти ваколатдори тарафҳои дархосткунанда ва ё дархостшаванда тартиб дода шуда, бо муҳри мақомоти ваколатдор тасдиқ карда шудаанд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бе тасдиқи иловагӣ (легализатсия ё опостил) қабул карда мешаванд.

2. Вазъи мурофиавии иштирокчиёни пешбурди ҷиноятии дар давлати хориҷӣ амалишаванда ҳангоми иҷрои дархостҳои мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқарраркунии иловагӣ зарурат надорад.

**Моддаи 475. Эътирофи далелҳои дар ҳудуди давлати хориҷӣ ба даст овардашуда**

Далелҳои дар ҳудуди давлати хориҷӣ аз тарафи шахсони мансабдори он дар рафти иҷрои дархостҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба даст овардашуда ва ё ба дархости ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсолшаванда оид ба амалӣ намудани таъқиби ҷиноятӣ дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар асоси принсипи мутақобила замимашуда, ки бо тартиби муқарраргардида тасдиқ ва дода шудаанд, бо далелҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

**Моддаи 476. Нигоҳ доштан ва супоридани далелҳои шайъӣ**

1. Далелҳои шайъие, ки аз тарафи дархостшаванда бо тартиби иҷрои дархости мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, бо тартиби муқарраргардидаи Кодекси мазкур нигоҳ дошта, пас аз анҷоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба тарафи дархостшаванда баргардонда мешаванд, агар нисбат ба онҳо ба мувофиқаи дигар нарасида бошад.

2. Ҳангоми ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ супоридани далелҳои шайъӣ бо тартиби иҷрои дархост, мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз талаби бозпас гардонидани онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи дархосткунанда пас аз анҷоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ даст кашад, агар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати истифодаи онҳо дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ ба пешбурди парвандаи ҷиноятии дигар ё талаби қонунии шахси сеюм вобаста ба ҳуқуқ ба моликияти дахлдор ва ё нисбат ба он дар суд баҳс ҷой надошта бошад.

**Моддаи 477. Хароҷот вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Хароҷот вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетии барои таъмини мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура, суд ё муассисаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудошуда, ки иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба зиммаи онҳо вогузор шудааст, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинигардида, ба амал баровардa мешавад.

2. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, хароҷоти зерин зимни иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҳисоби тарафи дархосткунанда ба амал баровардa мешавад:

1) даъвати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳудуди тарафи даъваткунанда, аз ҷумла ҳангоми супоридани муваққатии шахс;

2) гузаронидани экспертиза;

3) таъмини бехатарии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

4) истирдоди транзитии шахси супоридашуда тавассути ҳудуди давлати сеюм ба тарафи дархосткунанда.

**БОБИ 49.**
**РАСОНИДАНИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ**

**Моддаи 478. Дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

1) номи мақомоте, ки дархостро мефиристад;

2) ном ва суроғаи мақомоте, ки дархост ба он фиристода мешавад;

3) истинод ба шартномаи байналмилалии дахлдор ё риояи принсипи мутақобила;

4) парвандаи ҷиноятие, ки нисбат ба он дархост фиристода мешавад;

5) маълумоти мухтасар оид ба кирдори ҷиноятӣ, ки мавзуи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мебошад ва банду басти ҳуқуқии он бо зикри матни пурраи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолатҳои зарурӣ - маълумот дар бораи андозаи зарари расонидашуда;

6) маълумот дар бораи айби эълоншуда бо зикри матни пурраи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) маълумот дар бораи шахси дахлдор, аз ҷумла насаб, ном, номи падар (ҳангоми мавҷуд будан), вазъи мурофиавӣ, ҷойи зист ё будубош, шаҳрвандӣ, барои шахсони ҳуқуқӣ - ном ва маҳалли ҷойгиршавӣ, маълумоти дигар, ки метавонанд барои иҷрои дархост мусоидат намоянд, ҳамчунин алоқамандии ин шахс бо пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

8) баёни ҳолатҳое, ки бояд муайян карда шаванд, ҳамчунин номгӯйи амалҳои тафтишотии дархостшаванда, ҳуҷҷатҳо, далелҳои шайъӣ ва далелҳои дигар, инчунин асосноккунии ҳамбастагии онҳо бо пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

9) маълумот дар бораи шахсоне, ки иштироки онҳо ҳангоми иҷрои амалҳои мурофиавӣ зарур мебошад ва асосноккунии чунин зарурат.

2. Ба дархост оид ба пурсиши шахс ба сифати шоҳид, ҷабрдида, коршинос (эксперт), гумонбаршуда ва айбдоршаванда иқтибоси аз тарафи мақомоти ваколатдор тасдиқшудаи моддаҳои Кодекси мазкур бо мақсади фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо замима карда мешавад. Ба дархост инчунин номгӯйи саволҳое, ки ба шахс дода мешаванд ё маълумоте, ки бояд аз шахс гирифта шаванд, замима карда мешаванд.

3. Ба дархост оид ба гузаронидани амалҳои мурофиавие, ки тибқи Кодекси мазкур барои гузаронидани онҳо розигии прокурор ё иҷозати суд зарур аст ва ё барои мусодираи молу мулк, нусхаи аслӣ ё нусхаи тасдиқшудаи қарори асоснокшудаи мақомоти ваколатдор оид ба гузаронидани онҳо замима карда мешавад.

**Моддаи 479. Тартиби иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқиро, ки мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида ба онҳо супорида шудааст, аз рӯйи талаботи Кодекси мазкур иҷро мекунад.

2. Ҳангоми иҷрои дархост мумкин аст меъёрҳои қонунгузории давлати хориҷӣ истифода шаванд, агар ин дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он давлат басташуда пешбинӣ шуда бошад.

3. Агар иҷрои дархост дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ғайриимкон бошад, мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои воридшударо бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти дархосткунанда бо нишон додани сабабҳое, ки ба иҷрои он монеа гардидаанд, бармегардонад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 2)

**Моддаи 480. Баррасии дархостҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Мақомоти марказӣ ва ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ваколатдор мебошанд, пас аз гирифтани дархост онро баррасӣ намуда, масъалаҳои зеринро муайян менамоянд:

1) имконияти иҷрои дархост бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории мурофиавии давлати хориҷӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) имконияти иҷрои дархост дар ҳолати ҷой доштани монеа ба пешбурди таъқиби ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи моддаи 482 Кодекси мазкур барои рад кардани иҷрои дархост;

4) зарур будани хароҷоти иловагӣ ё ғайричашмдошт барои иҷрои дархост.

2. Дар сурати имконпазир будани иҷрои дархост мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостро иҷро менамояд ё онро барои иҷро ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тобеияти тафтишотӣ мефиристад.

3. Дар доираи ваколатҳои худ прокурор ҳуқуқ дорад оид ба таъмини иҷрои пурра, ҳаматарафа ва саривақтии дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ дастур диҳад. Иҷрои дастури прокурор ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 481. Махфияти маълумот ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Бо хоҳиши тарафи дархосткунанда мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти барои ҳамкорӣ ваколатдор ҳуқуқ дорад барои таъмини махфияти ҳолати гирифтани дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, мазмун ва маълумоти зимни иҷрои он бадастомада, тадбирҳои иловагӣ андешад.

2. Дар ҳолати зарурӣ шартҳо ва мӯҳлатҳои нигоҳдории махфияти маълумоти зимни иҷрои дархост бадастомада мувофиқа карда мешаванд.

3. Ҳангоми супоридани маводҳо ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти дигари ваколатдор метавонад нисбат ба истифодаи чунин маводҳо дар асоси Кодекси мазкур ва шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар намояд.

4. Агар дар натиҷаи иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоте гирифта шавад, ки дорои сирри давлатӣ бошад, онҳо ба тарафи дархосткунанда дар ҳолате метавонанд дода шаванд, ки ин маълумот ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати дигар, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро додааст, зарар нарасонад ва танҳо дар сурати мавҷуд будани шартнома дар хусуси ҳимояи мутақобилаи иттилооти махфӣ ва мутобиқ ба талабот ва қоидаҳои дар онҳо пешбинишуда дода мешаванд.

**Моддаи 482. Рад кардани иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Дархости тарафи дархосткунанда оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ метавонад дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон рад карда шавад.

2. Дар сурати мавҷуд набудани шартномаи байналмилалӣ иҷрои дархост бояд бо асосҳои зерин рад карда шавад, агар:

1) иҷрои дархост ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат кунад ё ин ки ба соҳибихтиёрӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ ё манфиатҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад;

2) тарафи дархосткунанда ҳамкории мувофиқро дар ин самт таъмин накунад;

3) дархост кирдореро дар бар гирад, ки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ба ҳисоб наравад;

4) асосҳои кофӣ мавҷуд бошад, ки дархост бо мақсади таъқиби ҷиноятӣ, маҳкумкунӣ ё ҷазо додани шахс аз рӯйи баромади иҷтимоӣ, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молумулкӣ, ҷинс, нажод, миллат, забон, муносибат ба дин, ақида ва маҳалли зист ё бо дилхоҳ асосҳои дигар фиристода шуда бошад.

**Моддаи 483. Хабар додани натиҷаи баррасии дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ**

1. Дар сурати қонеъ гардонидани дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоте, ки барои амалӣ намудани ҳамкорӣ ваколатдор аст, супоридани ҳуҷҷатҳои зимни иҷрои дархост бадастомадаро ба тарафи дархосткунанда таъмин менамояд.

2. Дар сурати рад кардани дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти ба ҳамкорӣ ваколатдор ба тарафи дархосткунанда оид ба сабабҳои рад кардан, инчунин шартҳое, ки дархост такроран баррасӣ шуда метавонад, хабар медиҳад ва дархостро бозпас мегардонад.

3. Дар сурати мавҷуд будани асосҳо барои рад намудани иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ё ба таъхир гузоштани иҷрои он мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоте, ки барои амалӣ намудани ҳамкорӣ ваколатдор аст, метавонад бо тарафи дархосткунанда тартиби иҷрои дархостро бо маҳдудиятҳои муайяншуда мувофиқа намояд. Агар тарафи дархосткунанда бо шартҳои муайяншуда розӣ бошад, дархост пас аз тарафи дархосткунанда таъмин намудани иҷрои ин шартҳо, қонеъ карда мешавад.

**Моддаи 484. Иштироки намояндагони мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар рафти иҷрои дархост**

1. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар рафти иҷрои дархост танҳо бо иҷозати мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда метавонанд.

2. Намояндагони мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ, ки тибқи талаботи Кодекси мазкур ба онҳо иҷозати иштирок дар рафти иҷрои дархост дода шудааст, ҳуқуқ надоранд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои мурофиавиро мустақилона анҷом диҳанд.

3. Шахсони дар қисми 1 моддаи мазкур зикршуда ҳуқуқ доранд ҳангоми пешбурди парванда иштирок намоянд, ариза ё эродҳо пешниҳод кунанд, бо иҷозати таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор саволҳо диҳанд ва тавассути воситаҳои техникӣ рафти амалҳои тафтишотиро сабт намоянд. Ҳангоми иштирок дар рафти гузаронидани амалҳои мурофиавӣ чунин намояндагон бояд қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

**Моддаи 485. Даъвати шахси берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта**

1. Шахси берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта барои гузаронидани амалҳои тафтишотӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъватнома дар асоси дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ даъват карда мешавад. Чунин шахс оид ба даъват шуданаш қаблан хабардор карда мешавад. Ба шахси даъватшуда, ғайр аз гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда, оид ба андоза ва тартиби пардохти хароҷот вобаста ба даъват хабар дода мешавад.

2. Шоҳид, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндаҳои онҳо, коршинос (эксперт), ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва дар асоси дархост ҳозир шудаанд, новобаста аз шаҳрвандии худ, барои кирдор ё дар асоси ҳукмҳое, ки то убури Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудаанд ё ҷой доштанд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд. Инчунин ин шахсон барои нишондодашон ба сифати шоҳид, ҷабрдида ё барои хулосаҳо ба сифати эксперт вобаста ба парвандаи ҷиноятие, ки онҳо даъват карда шудаанд, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд.

3. Шахси даъватшуда кафолати дар моддаи мазкур пешбинишударо аз даст медиҳад, агар дар муҳлати понздаҳ шабонарӯз ё муҳлати дигар, ки шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, аз лаҳзаи гирифтани огоҳиномаи мақомоти даҳлдор дар хусуси ҷой надоштани зарурати гузаронидани амалҳои тафтишотӣ бо иштироки ӯ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк накунад ё ба таври ихтиёрӣ баргардад. Ба ин муҳлат вақте, ки дар давоми он шахс бо сабабҳои ба ӯ вобастанабуда ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк карда наметавонист, ба ҳисоб гирифта намешавад.

**Моддаи 486. Супоридани муваққатии шахс, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад**

1. Агар барои додани нишондод ё ин ки иштирок дар гузаронидани амалҳои дигари мурофиавӣ ва ба парвандаи ҷиноятӣ зарурати иштироки шахс, ки таҳти ҳабс қарор дорад ё ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро дар ҳудуди давлати хориҷӣ адо мекунад ва бо парвандаи ҷиноятии мазкур ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ оид ба супоридани муваққатии шахси мазкур ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод менамояд.

2. Дар ҳолати аз ҷониби дархостшаванда қонеъ гардидани дархост оид ба супоридани муваққатии шахс, ӯ пас аз гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, ки барои иштирок дар онҳо супорида шуда буд, дар муҳлати бо давлати хориҷӣ мувофиқашуда бояд бозпас гардонида шавад.

3. Дар ҳолати кифоя набудани муҳлати мувофиқашудаи супоридани муваққатӣ, мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ бояд дар муҳлати на дертар аз бист шабонарӯз то ба охир расидани муҳлат ба мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост оид ба дароз намудани ин муҳлатро барои мувофиқа бо давлати хориҷӣ пешниҳод намояд.

4. Қарори мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба таҳти ҳабс қарор додани шахс ё ин ки нисбат ба ӯ татбиқ намудани ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, барои таҳти ҳабс қарор додани шахсе, ки муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст, асос мешавад.

5. Муваққатан ба давлати хориҷӣ супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адои ҷазо мекунад, бо дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ бо риояи муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур имкон дорад. Супоридани муваққатии шахс танҳо дар ҳолати мавҷуд будани розигии хаттии ин шахс ва розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 487. Гузаронидани амалҳои мурофиавӣ тавассути алоқаи видеоӣ**

1. Амалҳои мурофиавӣ дар асоси дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ бо розигии мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути алоқаи видеоӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешаванд:

1) имконнопазир будани ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ҳозир шудани шахсони даъватшуда;

2) таъмини амнияти шахсон;

3) асосҳои дигари дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда.

2. Сабти амалҳои мурофиавӣ тавассути алоқаи видеоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии тарафи дархосткунанда гузаронида мешаванд, агар ин тартиб ба принсипҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта бошад.

3. Мақомоти ваколатдори тарафи дархосткунанда ҳангоми гузаронидани амалҳои мурофиавӣ тавассути алоқаи видеоӣ иштироки тарҷумонро бояд таъмин намояд.

4. Агар зимни гузаронидани амалҳои мурофиавӣ ҳолатҳои вайрон намудани тартиби дар қисми 2 моддаи мазкур зикршуда ошкор гарданд, мақомоте, ки амалҳои мурофиавиро мегузаронад, ба иштирокчиён оид ба ин ҳолатҳо хабар дода, чараёни онро то бартараф намудани камбудиҳои роҳдода, манъ менамояд. Амалҳои мурофиавӣ танҳо пас аз бо ҷониби дархосткунанда мувофиқа намудани тағйироти ба рафти амалиёт воридгардида идома дода мешаванд.

5. Протоколи амалҳои мурофиавӣ ва маҳфузнигоҳдорандаи иттилооти видеоӣ ба мақомоти ваколатдори ҷониби дархосткунанда ирсол карда мешавад.

6. Аз рӯйи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи мазкур амалҳои тафтишотӣ тавассути алоқаи видеоӣ бо дархости мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

**Моддаи 488. Кофтуков, ҳабси молу мулк ва мусодираи он**

1. Дар асоси дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ мақомоти марказӣ ва ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои мурофиавии дар Кодекси мазкур пешбинишударо бо мақсади ошкор ва ба ҳабс гирифтани молу мулк, маблағҳои пулӣ ва ашёҳои қиматбаҳои бо роҳҳои ҷиноят бадастомада, инчунин молу мулки ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё маҳкумшуда тааллуқдошта мегузаронанд.

2. Ҳангоми ҳабс гузоштан ба молу мулки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда, барои ҳифзи он то баровардани қарори ниҳоии суд вобаста ба молу мулки мазкур тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар ин хусус тарафи дархосткунанда огоҳ карда мешавад.

3. Бо дархости тарафи дархосткунанда молу мулки дарёфтгардида мумкин аст:

1) бо риояи талаботи Кодекси мазкур ба ҳабс гирифта шуда, ба мақомоти ваколатдори тарафи дархосткунанда ҳамчун далели шайъӣ бо парвандаи ҷиноятӣ ё барои баргардонидан ба соҳибмулк супорида шавад;

2) мусодира карда шавад, агар ин дар ҳукм ё қарори дигари эътибори қонунӣ пайдокардаи суди тарафи дархосткунанда пешбинӣ шуда бошад.

4. Молу мулке, ки ба он мутобиқи банди 1) қисми 3 моддаи мазкур ҳабс гузошта шудааст, ба тарафи дархосткунанда дода намешавад ё интиқоли он мумкин аст ба таъхир гузошта шавад ё муваққатан дода шавад, агар ин молу мулк барои мақсадҳои баррасии парвандаҳои гражданӣ ё ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур бошад ё бо асосҳои дигари пешбининамудаи қонун берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баровarданаш номумкин бошад.

5. Молу мулки тибқи банди 2) қисми 3 моддаи мазкур мусодиракардашуда, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи мазкур, ба фоидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

6. Бо муроҷиати мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд метавонад дар бораи супоридани молу мулки тибқи банди 2) қисми 3 моддаи мазкур мусодирашуда ба тарафи дархосткунанда, инчунин оид ба супоридани арзиши пулии он қарор қабул кунад. Тартиби тақсимоти молу мулки мусодирашуда ё арзиши пулии онро шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунанд.

**Моддаи 489. Таъсис ва фаъолияти гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва тафтишотӣ-оперативӣ**

1. Гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва тафтишотӣ - оперативӣ барои гузаронидани тафтиши пешакии ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди якчанд давлатҳо содир шудаанд ё ин ки манфиатҳои якчанд давлатҳо поймол карда шудаанд, мумкин аст созмон дода шаванд.

2. Мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ оид ба таъсиси гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва тафтишотӣ-оперативиро баррасӣ намуда, дар ин хусус қарор қабул менамояд.

3. Аъзои гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва тафтишотӣ - оперативӣ байни ҳамдигар бевосита робита менамоянд, самтҳои асосии тафтишот ва гузаронидани амалҳои тафтишотиро мувофиқа мекунанд, табодули иттилоот анҷом медиҳанд. Фаъолияти онҳоро роҳбарони гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ аз ҳар кадом тараф ё дар асоси мувофиқа бо онҳо ташаббускори созмон додани гурӯҳҳои тафтишотӣ, тафтишотӣ-оперативӣ ё яке аз аъзои онҳо ҳамоҳанг менамоянд.

4. Амалҳои тафтишотӣ-оперативӣ ва амалҳои дигари мурофиавӣ аз ҷониби гурӯҳи муштараки тафтишотӣ, гурӯҳи тафтишотӣ-оперативии он давлате иҷро мегарданд, ки дар ҳудуди он амалҳо бояд гузаронида шаванд.

**Моддаи 490. Супоридани ҳуҷҷатҳо**

1. Бо дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳо ва қарорҳои ба ин дархост замимашуда ба шахсе, ки дар дархост нишон дода шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур супорида мешаванд.

2. Муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, прокурор ё суд барои иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ шахсро барои супоридани ҳуҷҷатҳо даъват менамояд. Агар шахс бе сабабҳои узрнок ҳозир нашавад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба таври маҷбурӣ оварда мешавад.

3. Муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ё суд дар бораи супоридани ҳуҷҷатҳо ба шахс бо нишон додани ҷой ва санаи супоридани онҳо протокол тартиб медиҳад. Протоколро шахсе, ки ба ӯ ҳуҷҷатҳо супорида шудаанд, бо илова намудани ариза ё эродҳояш, ки ҳангоми супоридани ҳуҷҷатҳо изҳор кардааст, имзо мекунад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санад тартиб дода мешавад, ки онро шахси қабулкунандаи ҳуҷҷатҳо ва шахси супоранда имзо мекунанд.

4. Агар шахс аз гирифтани ҳуҷҷатҳое, ки бояд супорида шаванд, саркашӣ кунад, дар ин бора дар протокол нишон дода мешавад. Дар ин ҳолат, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда супоридашуда ҳисобида шуда, он дар протокол қайд карда мешавад.

5. Агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда бо забони тоҷикӣ ё русӣ тарҷума надошта бошанд ва ба забоне тартиб дода шуда бошанд, ки шахси дар дархост нишондодашуда онро надорад, чунин шахс ҳуқуқ дорад аз гирифтани ҳуҷҷатҳо даст кашад. Дар ин ҳолат, супоридани ҳуҷҷатҳо иҷронашуда ҳисобида мешавад.

**Моддаи 491. Амалҳои мурофиавие, ки иҷозати махсусро талаб мекунанд**

Агар барои иҷрои дархост гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, ки розигии прокурор ё иҷозати судро талаб кунанд, чунин амалҳо танҳо дар сурати гирифтани иҷозати дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур сурат мегиранд, ҳатто агар қонунгузории тарафи дархосткунанда инро пешбинӣ накарда бошад. Асосҳо барои ҳалли масъалаи иҷозат додани чунин амалҳои мурофиавӣ маводи дархости тарафи дархосткунанда мебошад.

### БОБИ 50.
### ДАВОМ ДОДАНИ ТАЪҚИБИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 492. Тартиб ва шартҳои супоридани пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ**

1. Дар сурати дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудани шахсе, ки пас аз содир кардани ҷиноят ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк кардааст ва маҳалли будубоши ӯ дар давлати хориҷӣ муқаррар карда шудааст, мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ оид ба равон кардани маводи парвандаи ҷиноятӣ ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ қарори асоснок бароварда, оид ба идома додани таъқиби ҷиноятӣ дархост омода менамояд. Маводи парвандаи ҷиноятӣ бо дархост оид ба идома додани таъқиби ҷиноятӣ барои ҳалли масъалаи равон кардани парвандаи ҷиноятӣ ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳамкории тарафҳо ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристонида мешавад.

2. Парвандаи ҷиноятӣ дар сурати имконнопазир будани супоридани шахсе, ки бо парвандаи ҷиноятӣ бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва ё аз супоридани ӯ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рад шуда бошад, мумкин аст ба давлати хориҷӣ фиристонида шавад.

**Моддаи 493. Мазмуни дархост оид ба амалӣ намудани таъқиби ҷиноятӣ ба давлати хориҷӣ**

1. Дархост оид ба амалӣ намудани таъқиби ҷиноятӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) номи мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ;

2) номи мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ;

3) истинод ба шартномаи байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он мебошад;

4) баёни кирдор, ки вобаста ба он дархост оид ба таъқиби ҷиноятӣ ирсол мегардад;

5) вақт, маҳал ва ҳолати содир шудани ҷиноят;

6) нишон додани андозаи зарари бо ҷиноят расонидашуда;

7) насаб, ном, номи падари (дар сурати мавҷуд будан) гумонбаршуда ё айбдоршаванда, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ ва маълумоти дигар оид ба шахсияти ӯ.

2. Ба дархост оид ба таъқиби ҷиноятӣ чунин ҳуҷҷатҳо бояд замима карда шаванд:

1) маводи парвандаи ҷиноятӣ;

2) матни қонуни ҷиноятӣ, ки дар асоси он кирдор ҳамчун ҷиноят эътироф шудааст, инчунин матни санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки ба парвандаи ҷиноятӣ иртибот доранд;

3) маълумот оид ба шаҳрвандии шахс.

3. Ҳар як саҳифаи ҳуҷҷатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ маҳфузбуда бояд бо муҳри нишондори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ тасдиқ карда шаванд.

4. Якҷоя бо дархост оид ба таъқиби ҷиноятӣ дар баробари ҳуҷҷатҳои муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи мазкур, инчунин ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ метавонанд далелҳои шайъии мавҷуда низ фиристода шаванд.

5. Нусхаи маводи парвандаи ҷиноятӣ дар мақомоти ваколатдори пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 494. Тартиб ва шартҳои қабул намудани пешбурди таъқиби ҷиноятӣ аз давлати хориҷӣ**

1. Дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба давом додани таъқиби ҷиноятӣ нисбат ба шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар давлати хориҷӣ ҷиноят содир намудааст, аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

2. Қабули пешбурди таъқиби ҷиноятӣ аз мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ бо шартҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ва дар ҳудуди он қарор дошта бошад;

2) шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошад, ки супоридани ӯ тибқи муқаррароти Кодекси мазкур ва ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон номумкин бошад ё супоридани ӯ рад карда шуда бошад;

3) агар давлати дархосткунанда кафолат дода бошад, ки пас аз баромадани ҳукм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин шахс дар ҳудуди давлати дархосткунанда таъқиби ҷиноятӣ барои ҳамин ҷиноят сурат намегирад;

4) кирдоре, ки дар дархост дарҷ гардидааст, тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят бошад.

3. Дар ҳолати қонеъ намудани дархост оид ба таъқиби ҷиноятӣ Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур тафтиши пешакии онро ба мақомоти ваколатдори дахлдор супориш дода, дар ин хусус давлати дархосткунандаро огоҳ месозад.

**Моддаи 495. Рад кардани қабули таъқиби парвандаи ҷиноятӣ**

1. Таъқиби парвандаи ҷиноятӣ қабул карда намешавад, агар:

1) талаботи қисми 2 моддаи 494 Кодекси мазкур ё шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нашуда бошад;

2) нисбат ба шахс вобаста ба ҳамин кирдор аз тарафи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми сафедкунанда бароварда шуда бошад;

3) нисбат ба шахс вобаста ба ҳамин кирдор аз тарафи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми айбдоркунанда бароварда шуда, ӯ ҷазоро адо кардааст ё адо карда истода бошад;

4) нисбат ба шахс вобаста ба ҳамин кирдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст ё бо татбиқи санадҳои авф ва бахшиши ҷазо ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад;

5) муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс гузашта бошад.

2. Дар ҳолати рад кардани давом додани таъқиби ҷиноятӣ мавод аз тарафи мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ бо нишон додани асосҳои радкунӣ бозпас гардонида мешавад.

**Моддаи 496. Дар ҳабс нигоҳ доштани шахс то ворид гардидани дархост оид ба амалӣ намудани таъқиби ҷиноятӣ**

1. Бо дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ шахсе, ки нисбат ба ӯ дархост дар бораи таъқиби ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, мумкин аст дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳабс гирифта шавад. Дар дархост бояд маълумот дар бораи қонунгузорӣ, ки шахс тибқи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, бо нишон додани ҷазои пешбинишуда, истинод ба қарори ба ҳабс гирифтан ва оиди он, ки дархост дар бораи таъқиби ҷиноятӣ ба таври иловагӣ пешниҳод карда мешавад, дарҷ карда шаванд. Дархости мазкур ва қарори ҳабс то гирифтани дархост дар бораи таъқиби ҷиноятӣ метавонанд бо истифода аз воситаҳои техникии алоқа, бо фиристодани нусхаҳои аслӣ тавассути почта ё хаткашон фиристонида дода шаванд.

2. Ба ҳабс гирифтани шахс тибқи тартиб ва қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 510 Кодекси мазкур амалӣ карда мешавад.

3. Шахсе, ки мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур дар ҳабс нигоҳ дошта шудааст, агар дархост оид ба амаликунии таъқиби ҷиноятӣ дар давоми чил шабонарӯз аз рӯзи дастгиркунии ин шахс ворид нагардад, аз ҷониби прокурор аз ҳабс озод карда мешавад ва бетаъхир ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар дода мешавад.

4. Дар ҳолати дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани шахсияти шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлати хориҷӣ ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин содир кардааст, мавод ё парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ӯ барои пешбурди таъқиби ҷиноятӣ аз давлати хориҷӣ дархост карда мешавад. Нисбат ба шахс пас аз ворид гардидани ҷавоб ба дархост, дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофии пешбининамудаи Кодекси мазкур, метавонад парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, чораи пешгирӣ татбиқ карда шавад. Дар ҳолати мавҷуд будани қарори шахси ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба татбиқи чораи пешгирӣ, он иҷро карда мешавад.

**Моддаи 497. Таъини ҷазо ва хабардиҳӣ**

1. Ҷазое, ки аз тарафи суд таъин карда мешавад, агар тибқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аз ҳадди болоии ҷазо барои ҳамин ҷиноят, ки қонунгузории давлати дархосткунанда муқаррар намудааст, наметавонад зиёд бошад.

2. Оид ба қабули қарори қабулшуда бо парвандаи ҷиноятӣ ва ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ хабар дода мешавад. Дар асоси дархости давлате, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро супоридааст, нусхаи қарори ниҳоӣ фиристода мешавад.

### БОБИ 51.
### СУПОРИДАНИ ШАХС

**Моддаи 498. Равон кардани дархост оид ба супоридани шахс**

1. Дархост оид ба супоридани шахс дар сурате равон карда мешавад, ки агар барои яке аз ҷинояти содирнамудаи ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на кам аз як сол пешбинӣ шуда бошад ё муҳлати адонакардаи ҷазои шахси бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда на кам аз шаш моҳро ташкил диҳад.

2. Дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар хусуси супоридани шахс танҳо дар сурати риояи талаботи қисми 1 моддаи мазкур метавонад мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

3. Дархостҳо оид ба супоридани муваққатии шахс ва истирдоди транзитии шахс бо тартибе, ки барои дархости супоридани шахс пешбинӣ шудааст, ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 499. Эълон кардани ҷустуҷӯи байнидавлатӣ ва байналмилалӣ бо мақсади супоридани шахс**

1. Эълон кардани ҷустуҷӯи байнидавлатӣ ё байналмилалии шахси айбдоршаванда танҳо дар асоси хулосаи хаттии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Ҳангоми баррасии дархости мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани ҷустуҷӯи байнидавлатӣ ва байналмилалӣ Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати мавҷуд будани шартномаҳои байналмилалӣ бо давлате, ки айбдоршаванда эҳтимолан дар он қарор дорад, риоя гардидани принсипи мутақобила аз тарафи давлати хориҷӣ ҳангоми набудани шартномаи байналмилалӣ, эҳтимолияти воқеии супоридани шахс аз ҷониби он давлат, сатҳи муносибатҳои ҳуқуқии дуҷониба бо он давлат ва ҳолатҳои дигарро баррасӣ мекунад.

3. Дар ҳолати мавҷуд будани монеаҳо оид ба қонеъ намудани дархости мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани ҷустуҷӯи байнидавлатӣ ва байналмилалӣ, прокурор дар хулосаи хаттии худ ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бартараф намудани камбудиҳо тавсияҳо дода, пас аз бартараф намудани онҳо вобаста ба дархост қарор қабул менамояд.

**Моддаи 500. Тартиби омода намудани ҳуҷҷатҳо ва равон кардани дархост дар бораи супоридани шахс**

1. Бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намуда, ҳудуди онро тарк кардааст, бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамояд.

2. Дар ҳолати дастгир гардидани шахси дар ҷустуҷӯ қарордошта дар хориҷи кишвар, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводро аз мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ уҳдадор аст, ки дар муҳлати панҷ шабонарӯз маводҳои зеринро дар шакли нусха пешниҳод намояд:

1) қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ;

2) қарор дар бораи интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан;

3) қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда;

4) ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд бо пешниҳоди маълумотнома оид ба эътибори қонунӣ пайдо кардани он ва маълумотнома оид ба қисми адонакардаи ҷазо (дар ҳолати супоридани маҳкумшуда);

5) қарор дар бораи эълон намудани ҷустуҷӯ;

6) ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти айбдоршаванда ё маҳкумшуда;

7) хулосаи мақомоти ваколатдор оид ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будани айбдоршаванда ё маҳкумшуда;

8) қарори суд нисбат ба айбдоршаванда дар бораи ғоибона то шаш моҳ аз лаҳзаи дастгир шуданаш дароз кардани муҳлати ҳабси пешакӣ;

9) иқтибос аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки ҷиноят будани кирдорро тасдиқ намуда, барои супоридани шахс заруранд, аз ҷумла муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан;

10) тарҷумаи ҳуҷҷатҳои болозикр бо забони аз тарафи мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон талабшуда;

11) ҳуҷҷатҳои дигар, ки шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунанд ва онҳо дар ҳудуди давлати хориҷие, ки шахси дар ҷустуҷӯбуда дастгир ва ё муайян карда шудааст, эътибори ҳуқуқӣ доранд.

3. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартибе, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба мақомоти дахлдори давлати хориҷӣ барои супоридани шахс дархост ирсол менамояд.

**Моддаи 501. Ҳадди ҷавобгарии ҷиноятии шахси супоридашуда**

1. Шахсе, ки аз тарафи давлати хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст, бе розигии давлате, ки ӯро супоридааст, барои ҷинояти дигаре, ки ба супоридани ӯ вобаста нест, наметавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, ҷазо дода шавад, ҳамчунин ба давлати сеюм супорида шавад.

(Давомаш дар саҳ. 4)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 3)

2. Қоидаҳои қисми 1 моддаи мазкур нисбат ба шахсе, ки пас аз супоридан ҷиноят содир кардааст, инчунин шахси супоридашуда то сӣ шабонарӯз пас аз ба охир расидани таъқиби ҷиноятӣ ва дар сурати маҳкумшавӣ то сӣ шабонарӯз пас аз адои пурраи ҷазо ё аз лаҳзаи озод шудан аз ҷазо ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк накунад ва ихтиёран ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардад, татбиқ намегарданд. Ин муҳлат ба вақте, ки дар давоми он шахс бо сабабҳои ба ӯ вобастанабуда ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк карда наметавонад, дохил намешавад.

**Моддаи 502. Супоридани шахс**

1. Дар ҳолате ки агар мавқуфгузории супоридани шахс боиси гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, хавфи нобудшавии далелҳои ба даст овардашуда бо парвандаи ҷиноятӣ гардад ва ё ба тафтишоти ҷиноят зарар расонад, мумкин аст бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 498 Кодекси мазкур ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба супоридани муваққатии шахс дархост ирсол карда шавад.

2. Дар сурати қонеъ гардидани дархост оид ба супоридани муваққатӣ, шахси супоридашуда бояд дар муҳлати муайянгардида ба давлати супорида бозпас дода шавад.

3. Дар сурати зарурият мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ барои дароз намудани муҳлати супоридани муваққатии шахс ҳуҷҷатҳои заруриро омода намуда, на дертар аз бист шабонарӯз то анҷоми муҳлати супоридани муваққатӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости асоснок бо зикри сабабҳои дароз намудани муҳлати супоридан пешниҳод менамояд.

4. Агар дар бораи супоридани шаҳрванди давлати хориҷӣ, ки барои ҷинояти дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содирнамуда адои ҷазо мекунад, дархост ворид гардад, супоридани ӯ метавонад то ба охир расидани муҳлати ҷазо ё озод кардан аз ҷазо мувофиқи асосҳои қонунӣ ба таъхир гузошта шавад. Агар шаҳрванд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда бошад, муҳлати супоридани ӯ то баровардани ҳукм, ба охир расидани муҳлати ҷазо ё озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо, мувофиқи асосҳои қонунӣ мумкин аст ба таъхир гузошта шавад. Агар ба таъхир гузоштани муҳлати супоридани айбдоршаванда, судшаванда ё маҳкумшуда боиси гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ гардад ё ба таҳқиқ ё тафтишоти ҷиноят халал расонад, шахсеро, ки супоридани ӯ дар асоси дархост зарур аст, ба давлати дархосткунанда муваққатан супоридан мумкин аст.

**Моддаи 503. Хабар додан дар бораи натиҷаҳои мурофиаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси супоридашуда**

Прокурори назоратбаранда дар бораи натиҷаҳои мурофиаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси супоридашуда ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои минбаъд воқиф намудани мақомоти ваколатдори тарафи дархосткарда хабар медиҳад.

**Моддаи 504. Ҳисоб кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан**

1. Оғози муҳлати ҳабс нисбат ба шахси супоридашуда ҳамчун чораи пешгирӣ аз лаҳзаи дастгир кардан дар ҳудуди давлати хориҷӣ ҳисоб карда мешавад.

2. Вақти дар ҳудуди давлати хориҷӣ дастгиркунӣ ва дар ҳабс будани шахси ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда, инчунин овардани ӯ ҳангоми баровардани ҳукм ба муҳлати умумии давраи дар ҳабс будан ҳисоб карда мешавад.

3. Муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани шахси муваққатан супоридашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати иҷрои ҷазои аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъиншуда дохил намешавад, агар ин муҳлат ҳангоми адои ҷазои аз ҷониби суди давлати хориҷӣ таъиншуда ба инобат гирифта шуда бошад.

**Моддаи 505. Дар ҳабс нигоҳ доштан ҳангоми овардани транзитӣ ва супоридани муваққатии шахс**

Қарори мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар бораи дар ҳабс нигоҳ доштани шахс ё ҳукми суд дар бораи таъин кардани ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳабс нигоҳ доштани шахсоне асос мешавад, ки:

1) тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври транзит оварда шудаанд;

2) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан супорида шудаанд.

**Моддаи 506. Қарор дар бораи дархости супоридани шахс**

1. Пас аз омӯхтани маводи санҷиш оид ба супоридан Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ дар бораи супоридани шахс ё рад кардани супоридан ба давлати хориҷӣ қарор қабул мекунад. Дар мавриди аз якчанд давлатҳо мавҷуд будани дархост оид ба супоридани як шахс, масъалаи ба кадом давлат супоридани ӯ аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ дар шакли қарор қабул карда мешавад.

2. Дар бораи қарори худ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ва шахсе, ки нисбат ба ӯ қарор қабул шудааст ва ҳимоятгари ӯ хабар медиҳад.

3. Дар сурати қабули қарор дар бораи супоридани шахс нусхаи қарор дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз ба ин шахс супорида шуда, ҳуқуқи шикоят кардан аз болои қарори мазкур ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмонда дода мешавад.

4. Қарор дар бораи супоридани шахс пас аз ба охир расидани муҳлати шикояти он иҷро карда мешавад. Дар сурати шикоят кардан аз болои қарор, супоридани шахс то эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода намешавад.

5. Дар сурати даст кашидан аз супоридани шахс ба давлати хориҷӣ, бо асосҳое, ки таъқиби ҷиноятиро истисно намекунанд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ба таъқиби ҷиноятӣ нисбат ба ин шахс ба мақомоти тафтишотӣ супориш медиҳад.

**Моддаи 507. Ҳуқуқҳои шахсе, ки супоридани ӯ дархост карда мешавад**

1. Шахсе, ки нисбат ба ӯ масъалаи супоридан ба давлати хориҷӣ баррасӣ мешавад, ҳуқуқ дорад:

1) донад, ки барои содир намудани кадом ҷиноят дархости супоридани ӯ ворид шудааст;

2) ҳимоятгар дошта бошад ва бо шартҳои нигоҳ доштани махфияти мулоқот бо ӯ вохӯрад, дар ҳузури ҳимоятгар пурсида шавад;

3) ҳангоми дастгир кардан хешовандони наздик, аъзои оила ё шахсони дигарро дар бораи дастгир кардан ва ҷойи будубоши худ огоҳ намояд;

4) дар баррасии масъалаҳои вобаста ба ҳабс гирифтан ва дархости супориданаш дар суд иштирок намояд;

5) бо дархости супоридан шинос шавад;

6) аз болои қарорҳои ба ҳабс гирифтан, татбиқи ҳабс оид ба супоридан ва қонеъ кардани дархости супоридан шикоят кунад;

7) дар маҷлиси судӣ фикри худро оид ба дархости супоридан изҳор кунад.

2. Агар шахсе, ки нисбат ба ӯ масъалаи супоридан баррасӣ мешавад, шаҳрванди хориҷӣ бошад ва дар ҳабс қарор дошта бошад, ҳуқуқ дорад бо намояндаи намояндагии дипломатӣ ё консулгарии давлати худ мулоқот намояд.

**Моддаи 508. Хусусиятҳои дастгир кардани шахсе, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир кардааст**

1. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгиркунии шахсе, ки аз тарафи давлати хориҷӣ барои содир намудани ҷиноят мавриди ҷустуҷӯ қарор дорад, аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 92 Кодекси мазкур амалӣ карда мешавад. Дар бораи дастгир кардани чунин шахс ба прокурори назоратбаранда фавран хабар дода мешавад.

2. Дар давоми 72 соат шахсияти дастгиршуда, шаҳрвандии ӯ бояд муқаррар карда шавад. Аз ташаббускори ҷустуҷӯ оид ба ҳолатҳои кирдори содиршуда, матни моддае, ки тибқи он ин кирдор ҷиноят эътироф шудааст, қарори мақомоти ваколатдор дар бораи ба ҳабс гирифтани ӯ ва эълони ҷустуҷӯ маълумот дархост карда мешавад, инчунин тасдиқи зарурати ба ҳабс гирифтани шахс бояд гирифта шавад.

3. Дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар бораи ба ҳабс гирифтани шахс пеш аз изҳори талаб дар бораи супоридан метавонад тавассути почта, телеграф, телекс, факс ва намудҳои дигари алоқа фиристода шавад.

4. Шахси дастгиршуда фавран озод карда мешавад, агар:

1) дар давоми 72 соат аз лаҳзаи дастгиркунӣ ӯро барои баррасии дархост дар бораи муваққатан ба ҳабси гирифтан ё нисбат ба ӯ татбиқи ҳабс оид ба супоридан ба назди судя ҳозир накарда бошанд;

2) ҳолатҳои дар моддаи 511 Кодекси мазкур пешбинишуда муқаррар карда шаванд, ки дар асоси он супоридан иҷро карда намешавад.

**Моддаи 509. Муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштани шахс**

1. Пас аз омӯхтани маводи пешниҳодшуда ва ҷой доштани асосҳои кофӣ дар бораи он, ки дастгиршуда шахсест, ки нисбаташ ҷустуҷӯ эълон карда шудааст, дар сурати мавҷуд набудани асосҳои дар моддаи 511 Кодекси мазкур пешбинишуда, прокурор 12 соат пеш аз ба охир расидани муҳлати 72 соати дар ҳабс нигоҳ доштани шахс ба суд оид ба татбиқи муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан ба муҳлати чил рӯз аз лаҳзаи дастгир намудани ӯ ва ё дар муҳлати муқарраргардидаи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои супоридани ӯ дархост пешниҳод менамояд.

2. Мақомоти ваколатдори давлатии шахсро дастгирнамуда ба прокурор ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1) протоколи дастгиркунии шахс;

2) ҳуҷҷатҳое, ки дорои маълумот дар бораи содир намудани ҷиноят аз тарафи шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ ва интихоби чораи пешгирӣ нисбат ба ӯ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ мебошанд;

3) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти дастгиршуда.

3. Судя на дертар аз 72 соат аз лаҳзаи дастгир кардани шахс дархостро баррасӣ намуда, дар бораи муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан ё рад кардани муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштани шахс қарор мебарорад.

4. Дар сурати аз ҷониби суд бароварда шудани қарор дар бораи рад кардани муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан, прокурор фавран шахси боздоштшударо озод намуда, аз қарори қабулнамудааш ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад.

5. Прокурор ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷие, ки дархост оид ба супоридан фиристонидааст ё мефиристад, дар бораи муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштани шахс хабар медиҳад.

6. Маъмурияти ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан на дертар аз даҳ рӯз то ба охир расидани муҳлати ҳабси чунин шахс вазифадор аст, ки прокурорро дар ин бора огоҳ созад.

7. Шахсе, ки нисбат ба ӯ муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан татбиқ шудааст, дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби прокурор озод карда мешавад, агар:

1) дар давоми чил шабонарӯз тарафи дархосткунанда дар бораи супоридани шахс дархост нафиристонида бошад;

2) дар давоми чил шабонарӯз ҳабс барои супоридан татбиқ нашуда бошад;

3) ҳолатҳое ошкор шуданд, ки имконияти супориданро истисно мекунанд.

8. Агар дархости супоридан дертар ворид шуда бошад, озод кардани шахс барои бо дархости такрорӣ ба суд дар бораи ба ҳабс гирифтани ӯ ва супоридан тибқи талаботи Кодекси мазкур монеа эҷод намекунад.

9. Дар сурати ворид шудани дархости супоридани шахс то ба охир расидани муҳлати муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан, қарори судя дар бораи муваққатан дар ҳабс нигоҳ доштан аз лаҳзаи қабули қарор оид ба татбиқи ҳабс барои супоридан нисбат ба шахс беэътибор дониста мешавад.

**Моддаи 510. Ҳабс барои супоридан**

1. Пас аз гирифтани дархости супоридани шахси дар ҷустуҷӯ қарордошта тавассути почта, телеграф, телекс, факс ва воситаи дигари алоқа аз тарафи дархосткунанда, прокурор ба суди ҷойи нигоҳдории шахс дар бораи татбиқи ҳабси шахс бо мақсади супоридан дархост пешниҳод менамояд.

2. Якҷоя бо дархост ба баррасии судя ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) нусхаи дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар бораи супоридани шахс, ки аз ҷониби мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст;

2) ҳуҷҷат дар бораи шаҳрвандии шахс;

3) маводи мавҷуда вобаста ба санҷиш оид ба супоридан.

3. Судя дархостро баррасӣ намуда, дар бораи татбиқи ҳабс барои супоридан ё рад кардани он барои супоридан қарор қабул мекунад.

4. Ҳангоми баррасии дархост, судя мансубияти шаҳрвандии шахси дар ҷустуҷӯбударо санҷида, масъалаи ҷиноят будани кирдоре, ки вобаста ба он супоридан талаб карда шудааст ва таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани онро, бидуни таҳқиқи масъалаи мавҷуд будани гуноҳ ва қонунӣ будани қарорҳои мурофиавии аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ пешниҳодшуда, муайян мекунад.

5. Шикоят ва аз нав дида баромадани қарори судя бо дархости прокурор бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур сурат мегирад.

6. Дар сурати баровардани қарор дар бораи рад кардани татбиқи ҳабс барои супоридан, судя ҳамзамон дар бораи дар ҳабс нигоҳ доштани шахси тахти ҷустуҷӯ қарордошта дар давраи баррасии парванда бо дархости прокурор дар Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия ё Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул мекунад.

7. Ҳабс барои супоридан нисбат ба шахси супоридашаванда ба муҳлати дувоздаҳ моҳ аз лаҳзаи дастгир кардан ва нисбат ба шахсе, ки иҷрои ҳукми судро талаб кардааст, на бештар аз муҳлате, ки ӯ дар давлати дархосткунанда маҳкум шудааст, татбиқ карда мешавад.

8. Маъмурияти ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан на дертар аз даҳ рӯз пеш аз ба охир расидани муҳлати ҳабси шахсе, ки ба ӯ ҳабс барои супоридан татбиқ шудааст, уҳдадор аст, ки прокурорро дар ин бора огоҳ созад.

9. Дар сурати ба охир расидани муҳлати дувоздаҳ моҳи ҳабс барои супоридан пас аз қабули қарор дар бораи супоридани шахс, муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани шахси супоридашаванда то супоридани воқеии ӯ ба давлати хориҷӣ мумкин аст аз тарафи судя бо дархости прокурор дар доираи муҳлати ниҳоии аз озодӣ маҳрум сохтан, ки дар санксияи қонуни ҷиноятии давлати хориҷӣ пешбинӣ шудааст, дар чунин ҳолатҳо дароз карда шавад:

1) ташкили интиқоли шахси супоридашуда ба ҳудуди давлати дархосткунанда;

2) баррасии шикояти шахси супоридашуда аз болои қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ дар бораи супоридани ӯ.

10. Озод намудани шахсе, ки ба ӯ ҳабс барои супоридан татбиқ карда шудааст, дар асоси қарори прокурор, аз ҷумла пас аз гузаштани муҳлати дар моддаи мазкур пешбинишуда, агар супоридан дар ин муҳлат сурат нагирифта бошад, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар дода мешавад.

11. Озод намудани шахс аз ҳабс барои супоридан ҷиҳати татбиқи такрории он бо мақсади супоридани воқеии шахс ба давлати хориҷӣ барои иҷрои қарор дар бораи супоридан монеа намешавад, агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

**Моддаи 511. Рад кардани супоридани шахс**

1. Супоридани шахс дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад, агар:

1) шахс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

2) агар асос ҷой дошта бошад, ки шахсе, ки нисбаташ дархости супоридан ворид шудааст, мумкин аст дар давлати дархосткунанда мавриди таҳдиди шиканҷа қарор гирад, ё ин ки ба саломатӣ, ҳаёт ва озодии ӯ аз рӯйи аломатҳои нажодӣ, динӣ, миллат, шаҳрвандӣ, тааллуқ будан ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ин ки ақидаи сиёсӣ хатар таҳдид намояд, ба ғайр аз ҳолатҳои дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда;

3) кирдоре, ки вобаста ба он супоридани шахс дархост шудааст, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо тартиби айбдоркунии хусусӣ сурат мегирад, агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

4) мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар асоси дархости Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи иловагӣ ё пешниҳоди дигар, ки бе онҳо баррасии супоридани шахс ғайриимкон аст, накарда бошад;

5) супоридани шахс ба уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манфиатҳои он мухолифат намояд;

6) асосҳои дигар, ки дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд;

7) ба шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паноҳгоҳи сиёсӣ дода шуда бошад;

8) кирдоре, ки дархости супоридан ба он асос ёфтааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷиноят эътироф нагардида бошад;

9) нисбат ба шахс аллакай барои ҳамон ҷиноят ҳукме бароварда шуда бошад, ки он эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё пешбурди тафтиши парванда қатъ карда шуда бошад;

10) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё аз рӯйи асоси дигари қонунӣ оғози парвандаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҳукм ғайриимкон бошад.

11) ҷинояте, ки барои он супоридан дархост шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ накарда бошад.

2. Супоридани шахс мумкин аст рад карда шавад, агар ҷинояте, ки вобаста ба он супоридани шахс дархост карда шудааст, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз ҳудуди он берун ба муқобили манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуда бошад.

**Моддаи 512. Супоридани шахсони дорои душаҳрвандӣ**

1. Супоридани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои шаҳрвандии давлати дигар мебошад, дар асоси шартномаи тарафҳо амалӣ карда мешавад.

2. Тартиби супоридани шахсони дорои душаҳрвандӣ бо қоидаҳои моддаҳои 498-516 Кодекси мазкур муайян карда мешавад.

**Моддаи 513. Тартиби шикоят овардан аз болои қарор дар бораи супоридани шахс**

1. Аз болои қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ дар бораи супоридани шахс аз тарафи шахсе, ки нисбаташ қарор баромадааст ё ҳимоятгари ӯ дар муҳлати даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани нусхаи қарор ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят овардан мумкин аст.

2. Маъмурияти ҷойи дар ҳабс нигоҳ доштани шахс, дар сурати гирифтани шикояти шахсе, ки нисбаташ қарор дар бораи супоридан қабул шудааст, дар муҳлати 24 соат онро ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристонида, дар ин хусус ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад.

3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ дар муҳлати даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ворид шудани огоҳнома оид ба қарори шикоятшуда дар бораи супоридани шахс маводе, ки асоснок ва қонунӣ будани қарори қабулшударо тасдиқ менамояд, ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

4. Санҷиши қонунӣ ва асоснок будани қарор дар бораи супоридани шахс дар муҳлати понздаҳ шабонарӯз аз рӯзи гирифтани шикоят аз ҷониби судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси ошкорои судӣ бо иштироки прокурор, шахсе, ки нисбаташ қарор дар бораи супоридан қабул карда шудааст ва ҳимоятгари ӯ ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ ин муҳлатро дароз кардан мумкин аст.

5. Дар оғози маҷлис раисикунанда дар хусуси кадом шикоят баррасӣ мешавад, эълон намуда, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва ҷавобгарии шахсони иштироккунандаро мефаҳмонад. Сипас муроҷиаткунанда ва ё ҳимоятгари ӯ шикояти худро асоснок менамояд, пас сухан ба прокурор дода мешавад.

6. Дар ҷараёни баррасии судӣ судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи гунаҳгор будани шахсеро, ки нисбаташ қарор дар бораи супоридан қабул шудааст, мавриди баррасӣ қарор надода, қонунӣ будани қарори мурофиавии қабулнамудаи мақомоти ваколатдори давлати хориҷиро мавриди санҷиш қарор намедиҳад. Санҷиш дар масъалаи мувофиқ будани қарор дар бораи супоридани шахс ба қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд мешавад.

7. Дар натиҷаи санҷиш Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ин қарорҳоро қабул менамояд:

1) оид ба ғайриқонунӣ ва беасос эътироф намудани қарори супоридани шахс ва бекор кардани он;

2) дар бораи беқаноат гузоштани шикоят;

3) оид ба боздоштани қарори супоридани шахс то баррасии масъалаҳое, ки барои қабули қарор аҳаммияти ҷиддӣ доранд, дар як вақт дароз намудани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ба муҳлати на кам аз як моҳ.

8. Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ғайриқонунӣ ва беасос эътироф намудани қарори супоридани шахс ва бекор кардани он ё беқаноат мондани шикоят аз лаҳзаи эълон кардан эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

9. Озод намудани шахсе, ки нисбаташ Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи ғайриқонунӣ ва беасос эътироф намудани супоридан ё бекор кардани онро қабул кардааст, бо тартиби муайянкардаи қисми 10 моддаи 510 Кодекси мазкур амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 514. Ба таъхир гузоштани супоридани шахс ба давлати хориҷӣ**

1. Пас аз қабули қарор дар бораи супоридани шахс Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ метавонанд супоридани шахсро ба давлати хориҷӣ дар ҳолатҳои зерин ба таъхир гузоранд:

1) шахсе, ки нисбаташ қарор дар бораи супоридан қабул шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ё барои кирдори ҷиноятии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содирнамудааш адои ҷазо дорад - то ба анҷом расидани тафтиши пешакӣ ва баррасии судӣ, иҷрои ҷазо ё озод шудан аз иҷрои ҷазо бо ягон асосҳои қонунӣ;

2) шахсе, ки нисбаташ қарор дар бораи супоридан қабул шудааст, ба бемории вазнин мубтало буда, бинобар вазъи саломатӣ супоридани ӯ бе расонидани зарар ба саломатиаш то шифо ёфтани ӯ ғайриимкон аст.

2. Дар мавриди мавҷуд набудани асосҳо минбаъд ба таъхир гузоштани супоридани шахсони дар қисми 1 ин модда пешбинишуда, нисбат ба шахси супоридашаванда ҳабс барои супоридан бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур татбиқ карда мешавад.

3. Агар дар давраи батаъхиргузорӣ ҳолате пайдо шавад, ки ба супоридани шахс монеа шавад, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ ҳуқуқ доранд қарори қабулнамуда дар бораи супориданро аз нав баррасӣ намоянд.

4. Дар ҳолате ки агар батаъхиргузории супоридан ба гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ ё расонидани зарар ба тафтиши ҷиноят дар давлати хориҷӣ мусоидат намояд, шахсе, ки супориданаш дархост шудааст, мумкин аст ба вақти муайян дода шавад.

5. Шахсе, ки ба вақти муайян дода шудааст бояд пас аз гузаронидани амалҳои мурофиавӣ бо парвандаи ҷиноятӣ, ки вобаста ба он супорида шуда буд, на дертар аз навад шабонарӯз аз рӯзи додани шахс баргардонида шавад. Бо мувофиқаи тарафҳо ин муҳлат мумкин аст дароз карда шавад, вале на зиёда аз муҳлати иҷронашудаи ҷазое, ки барои содир кардани ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шудааст.

**Моддаи 515. Иҷрои қарор дар бораи супоридани шахс**

1. Маъмурияти ҷойҳои ҳабси пешакӣ пас аз гирифтани қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ дар бораи супоридан уҳдадор аст дар муҳлати сӣ шабонарӯз шахсро ба мақомоти дахлдори давлати хориҷӣ супорида, аз натиҷааш ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар диҳад.

2. Дар вақти додани шахси супоридашуда ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба муҳлати дар ҳабс будани ӯ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода мешавад.

**Моддаи 516. Интиқоли транзитӣ**

1. Дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба интиқоли транзитии шахси аз тарафи давлати сеюм ба ин мақомот супоридашуда тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамон тартибе, ки барои дархост оид ба супоридан муайян шудааст, баррасӣ карда мешавад.

2. Зимни баррасии дархостҳои мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ дар бораи интиқоли транзитӣ танҳо ҳолатҳое, ки дар моддаи 511 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

3. Тарзи интиқоли транзитӣ аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ дар мувофиқа бо муассисаи дахлдор муайян карда мешавад.

### БОБИ 52.
### ЭЪТИРОФ ВА ИҶРОИ ҲУКМҲО, ҚАРОРҲОИ СУДҲОИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

**Моддаи 517. Эътироф ва иҷрои ҳукмҳо, қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукмҳо, қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст дар ҳолатҳои зерин эътироф ва иҷро карда шаванд:

1) ҳангоми қабули шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлати хориҷӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудааст;

2) ҳангоми қабули шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳолати номукаллафӣ дар ҳудуди давлати хориҷӣ кирдори ба ҷамъият хавфнок содир намуда, нисбаташ қарори суди давлати хориҷӣ оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ барои табобати маҷбурӣ қабул карда шудааст;

3) нисбат ба шахсе, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст, аз ҷониби суди давлати хориҷӣ маҳкум карда шуда, ҷазо иҷро нашудааст;

4) нисбат ба шахсе, ки аз ҷониби суди давлати хориҷӣ маҳкум карда шуда, супоридани ӯ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати хориҷӣ рад карда шудааст;

5) ҳолатҳои дигаре, ки дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

2. Қарор дар бораи эътироф ва иҷрои ҳукми суди давлати хориҷӣ вобаста ба даъвои граждани бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

**Моддаи 518. Асосҳои супоридани маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ё шахси гирифтори бемориҳои рӯҳӣ барои табобати маҷбурӣ ба давлате, ки шаҳрванди он мебошад**

Дар асоси шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати дахлдори хориҷӣ ё созиши байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдор, шахсони мансабдори давлати хориҷӣ, ки дар асоси ҳамкории тарафҳо ба даст омадааст, шахсони зерин ба давлати шаҳрвандии онҳо дода мешаванд:

1) шаҳрвандони хориҷие, ки аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди давлати хориҷӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, - барои адои минбаъдаи ҷазо;

2) шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар ҳолати номукаллафӣ кирдори ба ҷамъият хавфнок содир кардаанд ё пас аз содир намудани кирдори ҷиноятӣ ба бемориҳои рӯҳӣ гирифтор шуда, нисбаташон қарори суд дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта қабул карда шудааст, минбаъд барои табобати маҷбурӣ гузаронида мешаванд.

**Моддаи 519. Шартҳои супоридани маҳкумшуда ё шахсе, ки ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд**

1. Супоридани шаҳрвандони хориҷии дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинишуда то иҷрои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё ба охир расидани табобати маҷбурӣ ба давлати шаҳрвандии онҳо дар асоси муроҷиати маҳкумшуда ё шахси нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқкардашуда, намояндагони қонунӣ ё хешовандони наздики онҳо, инчунин бо дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷии дахлдор бо розигии маҳкумшуда ё шахси нисбаташ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқкардашуда ва дар сурати озодона изҳор карда натавонистани иродаи худ - бо розигии намояндаи қонунии онҳо, иҷозат дода мешавад.

2. Супоридани шаҳрвандони хориҷии дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинишуда танҳо пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ё қарори суд бо қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё яке аз муовинони ӯ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 520. Тартиби ҳалли масъалаи супоридани маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд**

1. Агар маҳкумшуда шаҳрванди давлати хориҷӣ бошад, муассисаи низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба маҳкумшуда ҳуқуқи ӯро оид ба муроҷиат намудан ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти ваколатдори давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст, дар бораи супоридан барои адои минбаъдаи ҷазо бо асос ва тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур мефаҳмонад.

2. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз омӯхтан ва санҷидани мавод дар мавриди дуруст ба расмият даровардан ва мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ё шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи супоридани шаҳрвандони хориҷии дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинишуда қарор қабул мекунад ва дар ин хусус ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ, ки ташаббускори масъалаи супоридан аст, хабар дода мешавад.

3. Пас аз гирифтани маълумот аз мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ дар бораи розӣ будан оид ба қабули маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазо ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар бораи ҷой, вақт, тартиб ва ташкили супоридани ин шахс аз муассисаи низоми иҷрои ҷазо ё муассисаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки табобати маҷбурӣ мегирад, ба давлати хориҷӣ супориш медиҳад.

4. Супоридани шаҳрвандони хориҷие, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, онҳоро аз ҳуқуқи дархост дар бораи шартан пеш аз муҳлат озод кардан, иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо ба ҷазои сабуктар, татбиқи санади авф, бахшиши ҷазо, инчунин қатъ намудан ё тағйир додани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳрум намекунад. Ҳама ҳуҷҷатҳо ё маълумоте, ки барои баррасии ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, метавонад аз мақомоти ваколатдори давлати иҷрои ҳукм ё иҷрои табобати маҷбурӣ тавассути Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шаванд.

**Моддаи 521. Хабар додан дар бораи тағйир додан ё бекор кардани ҳукми суд, қатъ намудан ё тағйир додани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта нисбат ба шаҳрванди ба давлати хориҷӣ супоридашуда**

1. Ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани ҳукми суди Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъ намудан ё тағйир додани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони хориҷии дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинишуда, ки барои адои ҷазо ё иҷрои табобати маҷбурӣ дар давлати хориҷӣ супорида шудаанд, инчунин татбиқи санади авф ё бахшиши ҷазои маҳкумшудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қарори дахлдорро ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ мефиристад.

(Давомаш дар саҳ. 5)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 4)**

2. Агар ҳукм бекор карда шуда, муҳокимаи нави судӣ таъин карда шавад, ҳуҷҷатҳои дигари барои ин зарурӣ ҳамзамон фиристода мешаванд.

**Моддаи 522. Рад кардани супоридани маҳкумшуда ё шахси нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқкардашуда ба давлати хориҷӣ**

1. Супоридани шаҳрвандони хориҷие, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад, агар:

1) кирдоре, ки шахс барои он маҳкум карда шудааст ё нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, мутобиқи қонунгузории давлате, ки маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, шаҳрванди он аст, кирдори ҷиноятӣ эътироф карда намешавад;

2) дар бораи супоридани маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, бо шартҳои пешбининамудаи шартномаи байналмилалӣ созиш ба даст наомада бошад;

3) агар супоридани маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, метавонад ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад;

4) маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи истиқомати доимӣ дошта бошад;

5) бо сабаби махсусан вазнин ва ба ҷамъият хавфнок будани кирдори ҷиноятии содиршуда;

6) кирдори ҷиноятии содиршуда ба манфиатҳои миллӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон халал расонад ё таъсири зиёди ҷамъиятиро ба миён оварда бошад;

7) агар шахси супоридашаванда шаҳрванди давлати иҷрокунандаи минбаъдаи ҳукм набошад.

2. Илова ба асосҳои пешбининамудаи банди 1) қисми 1 моддаи мазкур, супоридани шаҳрванди хориҷӣ, ки аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, мумкин аст дар ҳолатҳои зерин рад карда шавад:

1) иҷро кардани ҷазо дар давлати хориҷӣ бо сабаби ба охир расидани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё бо асосҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории ин давлат имконнопазир бошад;

2) дар лаҳзаи гирифтани дархост дар бораи супоридани маҳкумшуда муҳлати адонашудаи ҷазо камтар аз шаш моҳро ташкил диҳад;

3) аз маҳкумшуда ё давлати хориҷӣ оид ба таъмини иҷрои ҳукм дар қисми иҷрои даъвои гражданӣ ва талофӣ намудани зарари моддии расонидашуда кафолат гирифта нашуда бошад.

3. Илова ба асосҳои пешбининамудаи банди 1) қисми 1 моддаи мазкур, ҳангоми супоридани шаҳрванди хориҷие, ки дар ҳолати номукаллафӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори ба ҷамъият хавфнок содир карда, нисбат ба ӯ қарори суди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта қабул карда шудаанд, дар ҳолатҳои зерин мумкин аст рад карда шавад:

1) агар қонунгузории давлати хориҷӣ чунин чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидоштаро пешбинӣ накарда бошад;

2) давлати хориҷӣ имконияти таъмин намудани табобати зарурӣ ва чораҳои дахлдори амниятиро надошта бошад.

4. Пеш аз қабули қарор дар бораи супоридани маҳкумшуда барои адои ҷазо ба давлати хориҷӣ, мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ бояд кафолат диҳад, ки маҳкумшуда мавриди шиканҷа ва намудҳои дигари муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода намешавад.

**Моддаи 523. Баррасии дархост дар бораи қабули шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои адои минбаъдаи ҷазо ё табобати маҷбурӣ, инчунин эътироф ва иҷрои ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, намояндагони қонунӣ ё хешовандони наздики онҳо, инчунин мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ бо розигии маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд ва дар сурати қобилият надоштани ӯ ба изҳори озодонаи иродаи худ - бо розигии намояндаи қонунии ӯ, метавонанд ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост дар бораи аз тарафи маҳкумшуда адо намудани ҷазо ё табобати маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

2. Мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ метавонанд ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост дар бораи эътироф ва иҷрои ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ нисбат ба шахсоне, ки дар бандҳои 3) ва 4) қисми 1 моддаи 517 Кодекси мазкур зикр шудаанд, муроҷиат намоянд.

3. Пас аз ворид шудани дархост ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи супоридани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои адои минбаъдаи ҷазо ё табобати маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд ва тасдиқи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будани маҳкумшуда, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ҳуҷҷатҳои зарурӣро барои моҳиятан ҳал кардани масъала дархост менамояд.

4. Дар сурати қонеъ кардани дархостҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътирофи иҷрои ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мефиристад.

**Моддаи 524. Тартиби аз тарафи суд баррасӣ намудани масъалаҳо оид ба иҷрои ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ**

1. Пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи судя дар мурофиаи судӣ, бе иштироки маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, дар муҳлати як моҳ баррасӣ мешавад.

2. Дар қарори судя дар бораи иҷрои ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ бояд инҳо дарҷ карда шаванд:

1) номи суди давлати хориҷӣ, вақт ва макони иҷрои ҳукм ё қарор дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта;

2) маълумот дар бораи ҷойи охирини истиқомати маҳкумшуда ё шахси нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурӣ татбиқкардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойи кор ва намуди машғулият то маҳкум шудан ё татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта;

3) бандубасти кирдори ҷиноятие, ки дар содир намудани он шахс гунаҳкор дониста шудааст ва дар асоси кадом қонуни ҷиноятӣ ӯ маҳкум карда шудааст ё нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд;

4) қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои содир намудани кирдори ҷиноятии аз тарафи маҳкумшуда ё шахси нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, муайян мекунад;

5) намуд ва муҳлати ҷазо (асосӣ ва иловагӣ), муҳлати оғоз ва анҷоми ҷазое, ки маҳкумшуда бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адо намояд, намуди муассисаи ислоҳӣ, тартиби рӯёнидани товони зарар аз рӯйи даъво, намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта, ки нисбат ба шахси дар табобати маҷбурӣ қарордошта, татбиқ мешаванд.

3. Агар мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноят муҳлати ҳадди болоии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷазои бо ҳукми суди давлати хориҷӣ таъиншуда камтар бошад, судя ҳадди болоии ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро, ки барои содир намудани он дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, таъин менамояд. Агар маҳрум сохтан аз озодӣ ба сифати ҷазо пешбинӣ нашуда бошад, судя намуди дигари ҷазоро дар ҳадди муайянкардаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои содир намудани ин кирдори ҷиноятӣ муқаррар намудааст ва ба ҷазои таъиннамудаи ҳукми суди давлати хориҷӣ бештар мувофиқ аст, таъин мекунад.

4. Агар ҳукм вобаста ба ду ва ё якчанд кирдоре бошад, ки на ҳамаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят эътироф мешаванд, судя кадом қисми ҷазои таъиннамудаи ҳукми суди давлати хориҷиро, ки ба кирдори ҷиноятӣ мансубанд, муайян менамояд.

5. Ҳангоми баррасии масъалаи иҷрои ҷазо, дар сурати мавҷуд будани дархости дахлдор, суд метавонад ҳамзамон ҳалли масъалаи иҷрои ҳукми суди давлати хориҷӣ дар қисми даъвои гражданӣ ва рӯёнидани хароҷоти мурофиавиро ҳал намояд.

6. Суд дар як вақт ҳолати татбиқ шудани санадҳои авфи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда нисбат ба шахсони дар моддаи 518 Кодекси мазкур пешбинишударо мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

7. Дар сурати бекор кардан ё тағйир додани ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ ё татбиқи санади авф ё бахшиши ҷазо дар давлати хориҷӣ ё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба маҳкумшуда ё шахсе, ки дар табобати маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, масъалаҳои аз нав баррасӣ намудани ҳукм ё қарори суд, инчунин татбиқи санади авф ё бахшиши ҷазо мувофиқи қоидаҳои моддаи мазкур ҳал карда мешаванд.

8. Агар ҳангоми баррасии пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ба хулоса ояд, ки кирдоре, ки шахс барои он маҳкум карда шудааст ё нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят намебошад ё иҷрои ҳукм ва қарори суди давлати хориҷӣ бинобар гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан инчунин бо асосҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст, оид ба рад намудан аз эътирофи ҳукм ё қарори суди давлати хориҷӣ қарор мебарорад.

9. Аз болои қарори суд тибқи тартиб ва муҳлатҳои дар Кодекси мазкур барои баррасии қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқарраршуда шикоят ё эътироз овардан мумкин аст.

**Моддаи 525. Иҷрои минбаъдаи адои ҷазо ё табобати маҷбурӣ нисбат ба маҳкумшудагоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудаанд**

1. Пас аз қонеъ намудани дархост дар бораи қабул намудани маҳкумшудагоне, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, барои адои ҷазо ё табобати маҷбурӣ ва гирифтани розигии мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ барои супоридан, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба мувофиқасозии ҷой, вақт, тартиб ва ташкили додани ин шахсон ба муассисаҳои ислоҳии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё муассисаҳои тиббие, ки табобати маҷбуриро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, супориш медиҳад.

2. Иҷрои ҷазо ё анҷом додани табобати маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур дарҷ шудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

3. Нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур дарҷ шудаанд, шартан пеш аз муҳлат озод намудан, татбиқи санади авф ё бахшиши ҷазо, қатъ намудан ё тағйир додани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешаванд.

4. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ, ки суди он ҳукм баровардааст, оид ба ҳолат ва натиҷаи иҷрои ҷазо ё табобати маҷбурӣ дар ҳолатҳои зерин хабар медиҳад:

1) ҳангоми ба охир расидани иҷрои ҷазо ё табобати маҷбурӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) фавт ё фирор намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 518 Кодекси мазкур зикр шудаанд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2017**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 438**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. МАНСУРӢ**
**ш. Душанбе, 6 декабри соли 2023, № 1171**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1**. Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; с. 2010, № 1, мод. 2, мод. 5, № 3, мод. 153, №7, мод. 547, № 12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, № 6, мод. 430, мод. 431, № 7-8, мод. 610, № 12, мод. 838; с. 2012, № 4, мод. 256, № 7, мод. 685, мод. 693, № 8, мод. 814, № 12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, № 3, мод. 181, № 7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144. № 7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, № 3, мод. 201, № 7-9, мод. 707, мод. 708. № 11, мод. 955, № 12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, № 3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, № 5, мод. 359, мод. 361, № 7, мод. 613, мод. 614, № 11, мод. 877; с. 2017, № 1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, № 7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, № 1, мод. 9, № 5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, № 1, мод. 8, № 6, мод. 312, мод. 313, № 7, мод. 464; с. 2020, № 1, мод. 6, № 7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, № 12, мод. 900, мод. 901, с. 2021, № 6, мод. 384, мод. 385, № 12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, № 1-3, мод. 12, №7, мод. 443, № 12, қ. 2, мод. 768; с. 2023, № 4-6, мод. 155, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, № 1986), тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 6 моддаи 39 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

‹‹6. Маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.››.

2. Моддаи $541^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

‹‹**Моддаи $541^{1}$. Риоя накардани талабот дар бораи тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ**

Барои аз ҷониби кормандони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ гирифтани пули нақд, ки таъиноти он ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намуди дигари хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, инчунин аз ҷониби онҳо истифодаи кортҳо ва воситаҳои дигари электронии шахсии пардохт бо ин мақсад, -

ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.››.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2019**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 440**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 13 декабри соли 2023, № 1176**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба моддаи 98 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №7, мод.502; с.2014, №3, мод.145, №7, қ.1, мод.391, №11, мод.644; с.2015, №3, мод.202, №7-9, мод.709, мод.710, мод.711, №11, мод.956, №12, қ.1, мод.1109; с.2016, №3, мод.133, №7, мод.615; с.2017, №5, қ.1, мод.276; с.2018, №1, мод.8, №5, мод.270, мод.271; с.2020, №1, мод.7, №7-9, мод.601, мод.605, мод.622, №12, мод.902, мод.903; с.2021, №1-2, мод.4, №4, мод.194, мод.195, №6, мод.386, №12, қ.2, мод.690; с.2022, №1-3, мод.9, мод.10, мод.11, №12, қ.2, мод.769; с.2023, №1-3, мод.3) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми 1 рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1 ва 3» ба рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1, 3-6» иваз карда шуда, пас аз рақами «346» аломат ва рақами «, $346^{1}$» илова карда шаванд;

- дар сархатҳои якум, дуюм ва панҷуми қисми 2 рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1 ва 3» ва «ва 346» мувофиқан ба рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1, 3-6» ва «, 346 ва $346^{1}$» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2020**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 441**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1037**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388, №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; с. 2018, №1, мод. 6; с. 2019, №1, мод. 6, №6, мод. 314; с. 2020, №7-9, мод. 603; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 691; с. 2022, №1-3, мод. 6, мод. 7, №7, мод. 440, №12, қ. 2, мод. 770), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар ном ва матни Кодекс калимаҳои «ГРАЖДАНИИ», «гражданӣ», «граждание», «гражданиро», «граждании» ва «гражданию» мувофиқан ба калимаҳои «МАДАНИИ», «маданӣ», «мадание», «маданиро», «мадании» ва «маданию» иваз карда шаванд.

2. Дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 54, сархати сеюми қисми 1 моддаи 267, номи боби 30, ном ва матни моддаи 281, ном ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 282, ном ва матни моддаҳои 283, 284 ва 285, сархати сеюми қисми 2 моддаи 392, сархати якуми моддаи 421, сархати якуми қисми 1 моддаи 423 ва сархати сеюми қисми 1 моддаи 424 калимаҳои «ғоиб», «фавтида», «шаҳрванд», «ҒОИБ», «ФАВТИДА» ва «ШАҲРВАНД» мувофиқан ба калимаҳои «ғоибшуда», «вафоткарда», «шахси воқеӣ», «ҒОИБШУДА», «ВАФОТКАРДА» ва «ШАХСИ ВОҚЕӢ» иваз карда шаванд.

3. Дар қисмҳои 2, 6 моддаи 55 ва қисми 2 моддаи 56 калимаи «ваколатдиҳанда» ба калимаи «вакилкунанда» иваз карда шавад.

4. Дар сархати чоруми қисми 1 моддаи 267, номи боби 31, ном ва қисмҳои 2 ва 3 моддаи 286, ном ва қисми 2 моддаи 287, ном ва қисмҳои 2 ва 3 моддаи 289, ном ва қисми 2 моддаҳои 290 ва 291, сархати дуюми қисми 2 моддаи 392 калимаҳои «сохтани қобилияти амали шаҳрванд» ва «СОХТАНИ ҚОБИЛИЯТИ АМАЛИ ШАҲРВАНД» мувофиқан ба калимаҳои «намудани қобилияти амалкунии шахси воқеӣ» ва «НАМУДАНИ ҚОБИЛИЯТИ АМАЛКУНИИ ШАХСИ ВОҚЕӢ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2022**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 443**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1113**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 502; с. 2014, № 3, мод. 145, № 7, қ. 1, мод. 391, № 11, мод. 644; с. 2015, № 3, мод. 202, № 7-9, мод. 709, мод. 710, мод. 711, № 11, мод. 956, № 12, қ. 1, мод. 1109; с. 2016, № 3, мод. 133, № 7, мод. 615; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 276; с. 2018, № 1, мод. 8, № 5, мод. 270, мод. 271; с. 2020, № 1, мод. 7, № 7-9, мод. 601, мод. 605, мод. 622, №12, мод. 902, мод. 903; с. 2021, №1-2, мод.4, №4, мод.194, мод.195, № 6, мод. 386, № 12, қ. 2, мод. 690; с. 2022, № 1-3, мод. 9, мод. 10, мод. 11, № 12, мод. 769; с. 2023, № 1-3, мод. 3, № 4-6, мод. 156) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 87:

1) қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Ҳангоми содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки дар моддаҳои 324, 333 қисми 2 ва 340 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дар сурати аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда дар маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт гардидани маблағи ҷарима, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад. Дар ин ҳолат ҷазои маъмурӣ дар бланки ҳисоботдиҳии қатъии намунааш аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба расмият дароварда мешавад.»;

2) қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Ҳангоми содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар моддаи $295^{1}$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, дар сурати аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда дар маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт гардидани маблағи ҷарима, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад. Дар ин ҳолат ҷазои маъмурӣ дар бланки ҳисоботдиҳии қатъии намунааш аз тарафи мақомоти назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт муқарраршуда ба расмият дароварда мешавад.»;

3) дар қисми 5:

- пас аз калимаи «диҳад,» калимаҳои «инчунин имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағи ҷаримаро надошта бошад,» илова карда шаванд;

- ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Дар сурати нисбати ронандаи воситаи нақлиёт тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуҷҷати ронандагии ронандаи воситаи нақлиёт гирифта намешавад ва протоколи тартибдодашуда ба махзани ягонаи электронии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад.».

2. Ба қисми 1 моддаи 93 пас аз рақами «541,» рақами « $541^{1}$,» илова карда шавад.

3. Дар моддаи 229:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «намудааст,» калимаҳои «бо тартиби дар қисми 6 моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида» илова карда шаванд;

- ба қисми 3 пас аз калимаи «Тоҷикистон» калимаҳои «бо тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2021**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 442**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 13 декабри соли 2023, № 1178**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АДВОКАТУРА ВА ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 7 январи соли 2015 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 204, №11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; с. 2017, №1-2, мод. 14; с. 2020, №7-9, мод. 610) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи $9^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $9^{1}$. Дархости адвокат**

1. Бо мақсади расондани ёрии ҳуқуқӣ адвокат ба мақомоти дахлдор бо дархост муроҷиат менамояд.

2. Дар дархост бояд насаб, ном, номи падари адвокат, ҳуҷҷат, маълумоти хаттӣ ё шифоҳии ба ӯ лозима ва суроғаи шахсе, ки ҷавоби дархост ба ӯ равона карда мешавад, зикр гардад.

3. Рад кардани пешниҳоди маълумот вобаста ба дархости адвокат танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун мумкин аст.».

2. Дар моддаи 10:

1) дар қисми 1:

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ҳар моҳ барои эҳтиёҷоти Иттифоқи адвокатҳо маблағро дар шакли ҳаққи узвият пардохт намояд;»;

- сархатҳои шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- барои таъмин намудани фаъолияташ мувофиқи тартиб ва андозаи муайяннамудаи ташкилоти адвокатӣ маблағ ҷудо намояд;

- бо ваколатдиҳанда ҳангоми амалӣ намудани намояндагӣ созишнома бандад ва ордер пешниҳод намояд;»;

2) дар сархати сеюми қисми 2 калимаи «предмети» ба калимаи «мавзуи» иваз карда шавад.

3. Дар сархати якуми қисми 4 моддаи 12 калимаҳои «ва муфаттиш» ба калимаҳои «, муфаттиш ва таҳқиқбаранда» иваз карда шаванд.

4. Ба қисми 3 моддаи 13 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Аъзои Комиссияи тахассусӣ, ба истиснои раиси Комиссия, наметавонанд зиёда аз як маротиба аъзои Комиссияи тахассусӣ бошанд.».

5. Дар қисми 1 моддаи 15 калимаҳои «мӯҳлати ду моҳ» ба калимаҳои «ҷаласаи навбатӣ, вале на дертар аз се моҳ» иваз карда шаванд.

6. Қисми 1 моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Комиссияи тахассусӣ довталабро, ки имтиҳони тахассусиро бо муваффақият супоридааст, дар давоми панҷ рӯз пас аз қабул гардидани қарор дар хусуси ба ӯ додани мақоми адвокат хаттӣ огоҳ менамояд.».

7. Қисми 1 моддаи 18 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Маълумот дар бораи адвокат ба Феҳристи ягонаи адвокатҳо дар давоми панҷ рӯз пас аз қабул гардидани қарор дар бораи додани мақоми адвокат ворид карда мешавад.».

8. Дар моддаи 19 калимаҳои «иқтибос аз Феҳристи ягонаи адвокатҳо» ба калимаҳои «огоҳии хаттӣ» иваз карда шаванд.

9. Дар қисми 1 моддаи 21:

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар асоси аризаи адвокат;»;

- сархатҳои шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- дар муҳлати зиёда аз панҷ сол нагузаштани курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;

- барои содир кардани ҷиноят маҳкум шуда бошад ё дар асоси сархати чоруми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 29-32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, то аз ҷониби Комиссияи тахассусӣ қабули қарор дар бораи қатъ намудани мақоми адвокат.».

10. Дар моддаи 22:

1) дар қисми 1:

- сархати панҷум хориҷ карда шавад;

- ба сархати шашум пеш аз калимаи «аз» калимаи «такроран» илова карда шавад;

2) аз қисми муқаддимавии қисми 2 калимаҳои «ва хулосаи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо» хориҷ карда шаванд;

3) қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Иттифоқи адвокатҳо ҳангоми аз мақомоти давлатӣ, Комиссияи тахассусӣ, мақомоти минтақавӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гирифтани маълумоти дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинишуда ба ҷаласаи навбатии Комиссияи тахассусӣ пешниҳод ирсол менамояд.»;

4) қисмҳои 3, 4 ва 5 мувофиқан қисмҳои 4, 5 ва 6 ҳисобида шаванд.

11. Дар моддаи 29:

- дар сархати сеюми қисми 5 калимаи «предмет» ба калимаи «мавзуъ» иваз карда шавад;

- дар қисми 14 калимаи «онро» ба калимаҳои «он ва Иттифоқи адвокатҳоро» иваз карда шавад.

12. Қисми 7 моддаи 31 хориҷ карда шуда, қисмҳои 8-11 мувофиқан қисмҳои 7-10 ҳисобида шаванд.

13. Ба моддаи 34 қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Коромӯзӣ дар назди адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон аст.».

14. Дар моддаи 35:

- аз қисми 1 калимаҳои «дар муассисаи таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ» хориҷ карда, калимаҳои «гузаронидани» ва «Иттифоқи адвокатҳо» мувофиқан ба калимаҳои «бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва» ва «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- қисми 3 хориҷ карда шуда, қисми 4 қисми 3 ҳисобида шавад.

15. Ба моддаи 37 қисми 11 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«11. Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии он ухдадоранд ба Комиссияи тахассусӣ маълумот оид ба фаъолияти худ, раванди назорати фаъолияти касбии адвокатҳо, баррасии шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба адвокатҳо, инчунин маълумоти дигари барои фаъолияти Комиссияи тахассусӣ заруриро ҳар шаш моҳ ва вобаста ба ҳолатҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 22 Қонуни мазкур пешбинишуда ҳар моҳ пешниҳод намоянд. Иттифоқи адвокатҳо нусхаи қарорҳои қабулшударо вобаста ба масъалаҳои дар сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, даҳум, сенздаҳум ва чордаҳуми қисми 3 моддаи 38, сархатҳои дувоздаҳум ва чордаҳуми қисми 4 моддаи 39 Қонуни мазкур пешбинишуда дар давоми 3 рӯз пас аз қабули онҳо бо замимаи нусхаи санадҳои дахлдор ба Комиссияи тахассусӣ барои маълумот пешниҳод менамояд.».

16. Дар сархати чоруми қисми 3 моддаи 38 калимаи «аъзогии» ба калимаи «узвияти» иваз карда шавад.

17. Ба моддаи 39:

- аз сархати шашуми қисми 4 калимаҳои «такмили ихтисоси адвокатҳо ва» хориҷ карда шаванд;

- ба қисми 7 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Раёсати Иттифоқи адвокатҳо метавонад қарору санадҳои хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро бекор намояд.».

18. Қисми 4 моддаи 41 хориҷ карда шавад.

19. Қисми 1 моддаи 42 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Молу мулки Иттифоқи адвокатҳо аз ҳисоби ҳаққи узвият, грантҳо, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ташаккул меёбад. Маблағи ҳаққи узвият бевосита ба суратҳисоби Иттифоқи адвокатҳо пардохт карда мешавад.».

20. Ба қисми 1 моддаи 43 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба фаъолияти худ дар назди Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2023**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 444**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 ноябри соли 2023, № 1161**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 271; с. 2019, №7, мод. 465; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 694) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба сархати шашуми моддаи 2 пас аз калимаи «қонунгузорӣ» калимаҳои «ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи бештари ҳуқуқидошта» илова карда шаванд.

2. Дар сархати нуҳуми моддаи 2 ва тамоми матни Қонуни мазкур калимаҳои «субъектони», «Субъектони» ва «субъектоне» мувофиқан ба калимаҳои «субъектҳои», «Субъектҳои» ва «субъектҳое» иваз карда шаванд.

3. Дар сархати сеюми қисми 3 моддаи 6 калимаи «интишори» ба калимаҳои «ҷойгир намудани» иваз карда шавад.

4. Дар қисми 1 моддаи 7, қисми 1 моддаи 34, сархати чоруми қисми 4 моддаи 57, қисми 5 моддаи 62, қисми 4 моддаи 66, қисми 3 моддаи 69, сархати ҳаштуми қисми 4 моддаи 82, қисми 3 моддаи 84, қисми 2 моддаи 87, ном, қисмҳои 1 ва 3 моддаи 89, ном ва матни моддаи 91 калимаҳои «Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ба калимаҳои «Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

5. Ба сархати даҳуми қисми 2 моддаи 9 пас аз калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимақои «, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» илова карда шуда, калимаҳои «Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ба калимаҳои «Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми 2 моддаи 22 калимаи «бароварда» ба калимаҳои «қабул карда» иваз карда шавад.

7. Дар моддаи 24:

- дар ном ва қисми 1 калимаҳои «ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ба калимаҳои «, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш, кумитаҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарор қабул мекунанд.»;

- ба қисми 3 пас аз калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» илова карда шуда, калимаҳои «Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ба калимаҳои «Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

8. Ба қисми 3 моддаи 29 пас аз калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ,» калимаҳои «фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,» илова карда шаванд.

9. Дар қисми 2 моддаи 31 калимаҳои «Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ва «ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мувофиқан ба калимаҳои «Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ва «, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

10. Дар моддаи 39:

- дар қисми 2 калимаҳои «Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳлили таъсири танзимкунӣ» иваз карда шаванд;

- қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5. Тартиби пешбурди Портали интернетӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳлили таъсири танзимкуниро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.».

11. Ба моддаи 42 ҷумлаи шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин кодекс, қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиқшавандаи мушаххас ҳангоми дар шакли мухтасар ифода ёфтан, ки намуд ва номи онҳоро инъикос менамояд, бо ҳарфҳои хурд навишта шуда, бо ҳарфи калон огоз меёбанд.».

12. Дар моддаи 43:

- аз қисми 9 калимаҳои «, зербандҳо» ва «, як зербанд» хориҷ карда шаванд;

- аз қисми 11 калимаҳои «қисм ё» хориҷ карда шаванд.

13. Дар ҷумлаи якуми қисми 3 модцаи 47 пас аз калимаҳои «пас онҳо» калимаи «метавонанд» илова карда шуда, калимаи «мешаванд» ба калимаи «шаванд» иваз карда шавад.

14. Дар моддаи 48:

- қисмҳои 2, 3 ва 4 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«2. Дар мавриди истинод намудан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои таркибии онҳо) инҳо зикр карда мешаванд:

- ишора ба меъёри дақиқ (дар мавриди зарурӣ то сархат), ки ба он истинод карда мешавад (ҳангоми истинод кардан ба қисми таркибии алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);

- намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ;

- номи санади меъёрии ҳуқуқӣ.

3. Дар мавриди истинод намудан ба санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ илова ба нишонаҳои дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда рақам ва санаи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ низ зикр карда мешаванд.

4. Дар ҳолатҳои якчанд маротиба ба санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ истинод кардан танҳо намуди санад, рақам ва санаи қабули он ва ё шакли мухтасари он зикр карда мешаванд.»;

- қисми 5 хориҷ карда шуда, қисми 6 қисми 5 ҳисобида шавад.

15. Ба номи моддаи 52 пас аз калимаи «давлатӣ» калимаҳои «ва мафҳумҳо» илова карда шаванд.

16. Дар моддаи 55:

- дар ҷумлаи якуми қисми 2 калимаҳои «ҳуқуқӣ оид» ба калимаҳои «ҳуқуқии баробардараҷа оид» иваз карда шаванд;

- ба қисми 2 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар ҳангоми таҳияи лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд ояд, ин лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд дар маҷмуъ таҳия ва пешниҳод карда шаванд, агар дар лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.»;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инчунин метавонанд бо мақсади бартараф намудани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои дахлдор ворид карда шаванд.»;

- қисми 2 қисми 3 ҳисобида шавад.

17. Ба ҷумлаи дуюми қисми 3 ва ба қисми 5 моддаи 56 пас аз калимаҳои «мешаванд» ва «мешавад» калимаҳои «, ба истисноси сархатҳо, ки онҳо мустақилона ҷобаҷогузорӣ мегарданд» илова карда шаванд.

18. Дар сархати шашуми қисми 4 моддаи 57 ва қисми 1 моддаи 66 калимаҳои «ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» ба калимаҳои «, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

19. Ба қисми 1 моддаи 58 пас аз калимаҳои «Бонки миллии Тоҷикистон,» калимаҳои «Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,» илова карда шаванд.

20. Дар сархати сеюми қисми 1 моддаи 63 калимаи «экспертҳо» ба калимаи «коршиносон» иваз карда шавад.

21. Дар моддаи 64:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «зиддикоррупсионӣ,» калимаи «зиддитабъизӣ,» илова карда шавад;

- дар қисми 2 калимаи «эксперт» ба калимаи «коршинос» иваз карда шавад;

- дар қисми 3 калимаи «экспертҳо» ба калимаи «коршиносон» иваз карда шавад;

- дар қисми 4 калимаи «экспертӣ» ба калимаи «коршинос» иваз карда шавад;

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» гузаронида мешавад.».

22. Дар моддаи 66:

- дар қисми 1 калимаҳои «ва «Садои мардум» ба калимаҳои «, «Садои мардум», «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»» иваз карда шаванд;

- қисми 3 хориҷ карда шуда, қисми 4 қисми 3 ҳисобида шавад.

23. Дар қисми 6 моддаи 67 ва қисми 4 моддаи 69 калимаи «аниқ» ба калимаи «дақиқ» иваз карда шавад.

24. Моддаи 68 хориҷ карда шавад.

25. Дар моддаи 69:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «чоп» калимаҳои «ва шакли электронии он, ки аз соли 2011 бо шакли когазӣ эътибори якхела дорад, дар сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир» илова карда шаванд;

- қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5. Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъмин карда мешаванд.».

26. Дар моддаи 83:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 83. Мутобиқати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»;

- дар матни модда калимаҳои «Қонунҳои» ва «қонунҳои» мувофиқан ба калимаҳои «Қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои» ва «санадҳои қонунгузории дигари» иваз карда шаванд.

27. Қисми 4 моддаи 89 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Дар сурати ошкор гардидани мухолифати санади меъёрии ҳуқуқии вазорат, кумитаи давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии навқабулшуда Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунандаи дахлдор дар бораи бартараф кардани мухолифати ҷойдошта хабарнома ирсол менамояд. Субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда ухдадоранд дар муҳлати як моҳ аз санаи қабули хабарномаи Вазорати адлия мухолифатро бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ва ё аз эътибор соқит кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ бартараф карда, санади меъёрии ҳуқуқиро барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Дар сурати аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунандаи дахлдор дар давоми як моҳ пешниҳод нагардидани санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф кардани мухолифат Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани он қарор қабул намуда, онро барои маълумот ва аз эътибор соқит намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти дахлдор мефиристад. Қарор дар бораи аз Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад.».

28. Дар қисми 5 моддаи 91 калимаҳои «муқаррароти боби мазкур» ба калимаҳои «тартиби бақайдгирии давлатӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта» иваз карда шаванд.

29. Дар қисми 5 моддаи 93 калимаҳои «ва пешбурди» ба калимаҳои «, пешбурд ва ворид кардани иттилооти ҳуқуқии дигар ба» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2024**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 446**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 13 декабри соли 2023, № 1174**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряххоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои об муайян менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**1) глятсиология** – илм дар бораи омӯзиши яххои табиӣ дар сатҳи замин, атмосфера, гидросфера, литосфера, реҷа, ташаккул ва инкишофи онҳо;

**2) захираҳои барф ва ях** – манбаъҳои оби ҳама намудҳои барф ва яххо дар сатҳи замин, литосфера ва гидросфера;

**3) криосфера** – қитъаи сатҳи замини дорои захираҳои об дар шакли сахт ё аз ҳад хунук;

**4) кӯли пиряхӣ** – обанбори дар натиҷаи обшавии пирях ва (ё) қабатҳои барфӣ дар сатҳ ё қисми канории пирях бавуҷудомада;

**5) қабати устувори барфӣ** – қабати барфи тамоми зимистон ё фосилаи на кам аз як моҳ маҳфузмонда;

**6) маҷмуи пиряхҳо** – маҷмуи шаклҳои релефи дорои пиряхҳо ва таҳшинҳои пиряхӣ;

**7) минтақаи санитарии ҳифзи пиряхҳо** – ҳудуди ҳамшафати пиряхҳо бо реҷаи махсуси муҳофизатии тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида;

**8) пирях** – ҳаҷми бузурги яхи табиии дар натиҷаи табдили боришоти сахти атмосферӣ бавуҷудомада;

**9) пиряхи набзӣ** – пиряхи дорои хусусияти дар натиҷаи лағжиши якдафъина ё мунтазам гузаштан аз ҳолати мувозина ба ҳолати ғайримувозина;

**10) пиряхшиносӣ** – ҷузъи таркибии илми глятсиология дар бораи омӯзиши ташаккулёбӣ, тағйирёбӣ, таркиб ва хосиятҳои физикии пиряхҳо;

**11) таркиби изотопии пирях** – маҷмуи унсурҳои ба ҳам монанди кимиёвии пиряхҳои дорои миқдор ва хосиятҳои физикии гуногун;

**12) Феҳристи давлатии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** – номгӯй, маълумоти тавсифӣ ва арзёбишуда оид ба ҳолат, андоза, шаклҳои релефӣ, мавзеи ҷуғрофӣ, хусусиятҳои таркибӣ ва реҷавии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**13) хати барфӣ** – хати муайянкунандаи сарҳади бартарии ғуншавии боришоти сахти атмосферӣ нисбат ба обшавию бухоршавии барф дар охири давраи коҳишёбии он;

**14) ҳавзаҳои пиряхӣ** – ҳавзаҳои дар натиҷаи обшавии пиряхҳо бавуҷудомада;

**15) ҳифзи пиряхҳо** – маҷмуи талабот ва чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ба пиряхҳо, аз ҷумла омӯзиши қонуниятҳои тақсимоти боришот, қабати барф, ташаккулёбии тармаҳо, реҷаи обуҳавосанҷии пиряхҳо, манбаъҳои ташаккулёбии ҳавзаҳои обҷамъшавӣ, нишондиҳандаҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо;

**16) яхбастагии бисёрсола** – қабати болоии қишри замини дорои ҳарорати манфии ҷинсҳои кӯҳӣ, хок ва набудани обшавии такрорӣ.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи пиряхҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи пиряхҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо**

1. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангию маърифатиро дар бар мегирад.

2. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ба ҳифз ва нигоҳдории пиряхҳо ҳамчун манбаъҳои стратегии захираҳои об барои манфиатҳои аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини тавозуни устувори экологӣ, нигоҳдории макони зисти намудҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи олами наботот ва ҳайвонот равона карда шудааст.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии ҳифзи пиряхҳо**

Ҳифзи пиряхҳо ба принсипҳои асосии зерин асос меёбад:

1) афзалияти нигоҳ доштани системаҳои экологии ба пиряхҳо алоқаманд, баинобатгирии аҳамияти стратегии пиряхҳо;

2) ошкорбаёнӣ ва шаффофият;

3) мутаносибии манфиатҳои ҷомеа ва тадбирҳои пешгирикунандаи хатари эҳтимолӣ ба коҳишёбии пиряхҳо;

4) ҳавасмандгардонии таҳқиқоти илмии пиряхшиносӣ.

**Моддаи 5. Ҳуқуқи моликият ба пиряхҳо ва Фонди ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Пиряхҳо моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад.

2. Фонди ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ, грантҳо ва маблағҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад.

### БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

**Моддаи 6. Вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряхҳо**

Вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряхҳо аз инҳо иборат мебошанд:

1) ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, субъектҳои хоҷагидор ва шахсони воқеӣ оид ба омӯзиш, мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо;

2) ташкил ва таъмини фаъолияти шабакаи иттилоотии моҳворавӣ ва шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо бо мақсади ҷамъоварии иттилооти дахлдор, омӯзишу таҳлили он, таъмини саҳеҳӣ ва пуррагии пешгӯиҳо ва арзёбии вазъи захираҳои барф, назорати раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи пиряхҳо;

3) омӯзиши пиряхҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхӣ бо мақсади муайян намудани вазъи онҳо;

4) таҳқиқи ҳавзаҳои пиряхӣ, қабатҳои барфӣ, аз ҷумла қабатҳои устувори онҳо, қитъаҳои азбайнрафтаи пиряхҳо ва хатҳои барфӣ;

5) ташкили корҳои экспедитсионӣ ва таҳқиқотӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо ва захираҳои барф, фаромадани тармаҳо ва пешгирии обхезиҳо, инчунин реҷаи гидрологии обҳои пиряхӣ дар ҳавзаҳои обҷамъшавӣ ва кӯлҳои пиряхӣ;

6) тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо;

7) таъмини мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, бахши хусусӣ, инчунин аҳолӣ бо иттилоот дар бораи вазъи ҷорӣ ва дурнамои пиряхҳо.

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо;

2) тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи захираҳои оби пиряхҳо;

3) таъсиси Фонди ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани тартиби истифодаи он;

4) ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, новобаста ба шакли моликият, оид ба ҳифзи пиряхҳо;

5) амалӣ намудани салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои об мувофиқан мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба истифодаи захираҳои оби пиряхҳо мебошанд.

2. Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дохил мешаванд:

1) татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо;

2) таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо;

3) таҳия ва тасдиқи меъёрҳо, регламентҳои техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо, сифати об ва таркиби изотопии пиряхҳо;

4) мусоидат ба рушди шабакаҳои байналмилалии мушоҳидавии пиряхҳо, табодули байналмилалии иттилоот оид ба омӯзиш, мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо;

5) пешгӯии эҳтимолияти фаромадани тарма ва обхезӣ, омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати гузарондани чорабиниҳои пешгирикунандаи офатҳои табиӣ ва таъмини ҳифзи пиряхҳо;

6) ташкил ва таъмини фаъолияти шабакаи иттилоотии моҳворавӣ ва шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо;

7) пешбурди Феҳристи давлатии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи низоми бақайдгирии пиряхҳо ва захираҳои оби онҳо;

8) амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо;

9) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои об дохил мешаванд:

1) татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои оби аз пиряхҳо ҷоришаванда;

2) таҳия ва ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба истифодаи захираҳои оби аз пиряхҳо ҷоришаванда;

3) ташкил ва гузарондани баҳисобгирии давлатии истифодаи захираҳои оби аз пиряхҳо ҷоришаванда;

4) таҳия ва амалигардонии тадбирҳо оид ба пешгирии коҳишёбии захираҳои оби аз пиряхҳо ҷоришаванда;

5) амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи захираҳои оби аз пиряхҳо ҷоришаванда дар доираи ваколатҳои худ;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи пиряхҳо**

Ба ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи пиряхҳо мансубанд:

1) иштирок дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо;

2) андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо дар маҳал, иштирок дар татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо;

3) пешгирии фаъолияти худсаронаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки сабаби расонидани таъсири манфӣ ба пирях ва барфтӯдаҳо мегардад;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 10. Фаъолият дар минтақаҳои ҷойгиршавии пиряхҳо**

1. Дар минтақаҳои ҳифзи санитарии пиряхҳо ҷойгир намудани иншооти истеҳсолии хатарнок ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, ки метавонад ба вазъи пиряхҳо таъсири номатлуб расонад, инчунин ҷойгир кардани маҳсулоти нафтӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, истифодаи моддаҳои кимиёвӣ, пеститсидҳо ва дигар моддаҳои зараровар манъ аст.

2. Пешбурди корҳои иктишофи геологӣ, коркард ва истихроҷи маъданҳои фоиданок, сохтмон ва ё истифодабарии иншооти зеризаминӣ дар минтақаҳои ҳифзи санитарии пиряхҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Сайёҳии экологӣ ва варзишию кӯҳгардӣ, кӯҳнавардӣ, чорабиниҳои ҳарбӣ, инчунин гузарондани таҳқиқоти илмӣ дар минтақаҳои ҳифзи санитарии пиряхҳо ва бевосита дар ҳудуди пиряхҳо вобаста ба фасли сол ва реҷаи махсуси дастрасӣ ба онҳо тибқи талаботи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, амалӣ карда мешаванд.

4. Фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари хилофи Қонуни мазкур амалишаванда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд, боздошт ё қатъ карда мешавад.

**Моддаи 11. Арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда ба пиряхҳо**

1. Арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда ба пиряхҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

2. Гузарондани арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда, ки метавонад ба вазъи пиряхҳо таъсири номатлуб расонад, ҳатмӣ мебошад.

3. Ҳуҷҷатҳои арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар ба пиряхҳо ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии фаъолияти банақшагирифташаванда омода ва барои хулоса ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. Шахсони воқеӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар ба пиряхҳо иштирок намоянд.

### БОБИ 3. ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ ВА МОНИТОРИНГИ ПИРЯХҲО

**Моддаи 12. Таҳқиқоти илмии пиряхҳо**

1. Таҳқиқоти илмии пиряхҳо аз ҷониби муассисаҳои илмии таҳқиқотӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Таҳқиқоти илмии пиряхҳо самтҳои зеринро дар бар мегирад:

1) таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо, таҳия ва ҷорӣ намудани тамсилаҳои муосири таҳқиқоти пиряхҳо, аз ҷумла бо назардошти таъсири тағйирёбии иқлим;

2) гузарондани корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи пиряхшиносӣ ва криосфера, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии минтақавӣ ва байналмилалӣ;

3) муайян намудани меъёрҳои илмию методии омӯзиши пиряхҳо, инчунин ҳангоми татбиқи ин фаъолият дар шароити махсуси иқлимӣ;

4) амалӣ намудани фаъолият дар самтҳои дигари таҳқиқоти илмӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 13. Мониторинги пиряхҳо**

1. Мониторинги пиряхҳо тавассути гузарондани мушоҳидаҳои дарозмуҳлати маҷмуӣ, омӯзиш, арзёбӣ ва пешгӯӣ кардани ҳолати табиии пиряхҳо, таҳлили раванди таъсири номатлуби тағйирёбии иқлим, таъсироти дигари физикӣ, кимиёвӣ ва биологии дорои омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба пиряхҳо, инчунин таъсири пиряхҳо ба муҳити зист ва омода кардани иттилооти дахлдор дар ин хусус амалӣ карда мешавад.

2. Мониторинги пиряхҳо самтҳои зеринро дар бар мегирад:

1) мушоҳидаи ҳолат ва қонуниятҳои тақсимоти боришот, қабатҳои барф, ташаккул ва паҳншавии пиряхҳо, нақши онҳо дар таҳаввул ва пешгӯии тағйирёбии вазъи муҳити зист;

2) мушоҳидаи раванди таъсири омилҳои табиӣ, антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим ба маҷмуи пиряхҳо, аз ҷумла бо истифода аз технологияи рақамӣ, барномаҳо ва воситаҳои ченкунии махсус;

3) истифодаи низоми мониторинги кайҳонии пиряхҳо бо мақсади арзёбии қабатҳои барф, ҳаҷм ва обшавии онҳо;

4) мушоҳидаи ҳолати тармаҳои дар раванди обшавии пиряхҳо ва яхбастагиҳои бисёрсола бавуҷудомада.

**Моддаи 14. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба пиряхшиносӣ ва мониторинги пиряхҳо**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба пиряхшиносӣ ва мониторинги пиряхҳо бо мақсадҳои зерин истифода мешаванд:

1) таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи захираҳои оби пиряхҳо;

2) пешгӯии вазъи муҳити зист ва ташаккули захираҳои об;

3) таҳияи харитаҳои фаврии барфтӯдаҳо, муайян намудани масоҳат ва сарҳади пиряхҳо, пешгӯии лағжиши пиряхҳои набзӣ ва фаромадани тармаҳо бо мақсади пешгирии оқибатҳои номатлуби офатҳои табиии марбут ба онҳо;

4) таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба пешгирии таъсиррасонии антропогенӣ ба пиряхҳо ва қабатҳои барф, инчунин таъсири номатлуби обшавии босуръати пиряхҳо ва барфтӯдаҳо ба аҳолӣ, иқтисодиёт ва муҳити зист;

5) мақсадҳои дигари ба ҳифзи пиряхҳо равонашуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо**

1. Шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо маҷмуи нуқтаҳои доимӣ ва сайёр, аз ҷумла дидбонгоҳҳо, стансияҳо, расадхонаҳо ва озмоишгоҳҳо мебошанд, ки мушоҳидаи равандҳои ташаккул ва тағйирёбии вазъи пиряхҳо, барфтӯдаҳо ва яхбастагиҳои бисёрсола, захираҳои об, омӯзиши хусусиятҳои ландшафтию иқлимӣ, яхбандӣ, гидрологӣ ва гидрометеорологӣ, инчунин баҳисобгирии сифати об, таркиби изотопӣ, ҳолати санитарии пирях ва барфтӯдаҳоро дар бар мегирад.

2. Фаъолияти шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо барои гузарондани омӯзиш ва мониторинги онҳо ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳлил, коркард, омода намудани иттилоот ва ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намудани он равона карда мешавад.

3. Ташкили шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо, аз ҷумла яхбастагиҳои бисёрсола, қатъ намудани фаъолият ё иваз намудани мавзеи ҷойгиронии онҳо бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

4. Шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо қисми таркибии шабакаи давлатии мушоҳидавӣ дар соҳаи обуҳавошиносӣ мебошад.

5. Додани қитъаҳои замин барои ҷойгиронии нуқтаҳои шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 16. Махзани маълумот дар бораи омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо**

1. Махзани маълумот дар бораи омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо маҷмуи маълумоти ҷамъоваришуда, батартибдаровардашуда, мукаммалгардида ва ҳуҷҷатгузоришуда оид ба вазъи пиряхҳо мебошад.

2. Махзани маълумот дар бораи омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо ташкил карда мешавад.

3. Иттилоот аз махзани маълумот дар бораи омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**Моддаи 17. Пиряхҳои фаромарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазъи ҳуқуқии пиряхҳои фаромарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузарондани корҳои таҳқиқотию илмӣ, мониторинг, арзёбӣ ва ҳифзи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

### БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 18. Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо**

Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 19. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 20. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2026**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 448**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» қабул карда шавад.

**Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. МАНСУРӢ**
**ш. Душанбе, 6 декабри соли 2023, № 1167**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 617) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Аз қисми 2 моддаи 13 калимаи «ноболиғон,» хориҷ карда шавад.

2. Моддаи $13^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $13^1$. Хусусияти пешниҳод ва баррасии муроҷиати ноболиғон**

1. Ноболиғоне, ки метавонанд ақидаҳои худро мустақилона ифода кунанд, ҳуқуқ доранд дар бораи риояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ ба мақомоту ташкилотҳои дахлдор бевосита муроҷиат намоянд. Ба манфиати ноболиғон инчунин метавонанд намояндагони қонунии онҳо, мақомоти васоят ва парасторӣ ва мақомоти ваколатдори дигар муроҷиат намоянд.

2. Ноболиғон ҳангоми муроҷиат ҳуқуқ доранд фикру ақидаҳои худро озодона ва бе таъсиррасонии мақомоту ташкилот ва шахсони дигар баён намоянд.

3. Баррасии муроҷиати ноболиғон аз ҷониби мақомоту ташкилотҳои дахлдор ҳангоми зарурат бо иштироки намояндагони қонунии ноболиғон, инчунин мақомоти васояту парасторӣ сурат мегирад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2025**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 447**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1095**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА КОДЕКСИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ҷумлаи дуюми қисми 1 моддаи $57^1$ Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод. 143, №11, мод. 881; с. 2017, №1-2, мод. 18) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мақомоту ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдори онҳо, ки барои қабули қарор ваколатдор мебошанд, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба манфиатҳои кӯдак дахлдошта бояд фикри кӯдакеро, ки метавонад ақидаҳои худро мустақилона ифода кунад, сарфи назар аз синну сол, ба назар гирифта, дар асоси манфиатҳои беҳтарини кӯдак қарор қабул кунанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2030**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 452**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1093**

Ба ифтихори 60-солагии Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

# АЗ ҲАР ЗАМОН НОМЕ ДАР ЗАБОН

Кароматуллоҳи МИРЗО,
Нависандаи халқии Тоҷикистон

**Пас аз хатми Академияи илмҳои ҷамъиятии КМ Партияи коммунистии ИҶШС (Москва) Холмурод Шарифов чандин вазифаҳои масъули давлатӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсиро ба ҷо овардааст. Аз ҷумла, вай солҳои 1990-2002 раиси Кумитаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, ки 60-солагии он дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ботантана ҷашн гирифта шуд ва китобе бо номи «Ҷоизаи бозэътибору баракатбор» дар таҳияи Низом Қосим ва Ибодулло Машрафов ба табъ расид.**

Қарибиҳои нимрӯз буд. Ба хӯрокхӯрӣ мерафтем, ки ҷавоне ҷузвдон дар бағал ба ҳуҷраам омад.

- Мирзоев кӣ? - пурсид ӯ.

Аз ҷоям бархостам. Саломалейк гуфтем.

- Холмурод Шарифов фиристоданд, - ҷузвдонашро кушода чанд варақ коғаз баровард. Ҳикояе будааст. Гирифтам, ҷавон гӯё вазифаашро ба ҷо оварда буд, ки ақиб гашта, ба роҳи омадааш рафт.

Баъди ин, ба мисле ки ҳангомае дар идораи рӯзнома ба вуқӯъ омад. «Холмурод Шарифов ҳикоя фиристодаанд?».

Ба як ҳамкорамон, ки аз муҳибону ҳамнишинони муҳаррир ҳисоб меёфт, Худо дода буд:

- Ба шумо доданд ҳикояи Холмурод Шарифовро? - ва мунтазири ҷавобам нашуда биафзуд: - Ин хел мақолаҳои аз болоомада бояд тавассути муҳаррир ба рӯзнома ворид шаванд. Дар ин масъала банда нисбат ба муҳаррир беҳурматӣ карда будаам, аҷаб не, ба дилашон гап меомадааст. Ё Холмурод Шарифов шумоя мешиносанд? Ҳамшаҳрӣ? - ба ақидаи худаш ӯ таҳқовӣ мекард.

- Медонанд, ки дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекунам, мудири шуъба ҳастам.

- Ин ҷо ягон гап будагӣ барин, - маккорона хандид ва ба суханаш давом дод:

- Аз афташ шумоҳо ошноед?

Ҷониби ошхонаи боғи марказии шаҳр равон будем, ӯ аз ман ҷудо набуд. Мавзуи гапу ҳарфаш Холмурод Шарифов. Аз лаби домони костюмам дошта ақиб кашид, ишора кард, ки аз ҳамроҳон ақибтар роҳ равем.

- Ҳикояашон калон аст?

- Ба хаёлам аз даҳ варақ зиёд.

- Ба Худо Холмурод Шарифов аз одамони хеле баобрӯи ҷумҳурӣ мебошанд, мудири шуъбаи КМ ПК Тоҷикистон, депутати Шӯрои Олӣ, узви ҳукумат ҳастанд, хоҳанд ба ҳар шиносашон вазифа медиҳанд, баъзеҳо дар сояи давлаташон роҳат доранд. Агар бо он кас одам шинос бошад, нағз аст. Ҳамин рӯзҳо як гапи муҳаррири худамон ҳам Холмурод Шарифов шудаву ду гапашон ҳам. Медонед-ку аз болояшон навиштаанд... Агар Холмурод Шарифов ба он кас мадад мерасонданд..., - пас аз лаҳзае таваққуф ӯ боз суханашро давом дод: - Лекин чаро ҳикояашонро ба муҳаррир нею ба шумо фиристодаанд? Шумо муғамбир, дамдузд, - гӯё ким-чӣ сиррреро кашф карда буд, ки қаноатмандона табассум дошт ва дар пӯстинаш кайк даромадагӣ барин ором намешуд.

Аз пурсусанҷ ва ба ин дараҷа тағйир ёфтани ҳоли ҳамкорам ба ҳайрат омада будам. Дар асл ба ақидаи банда ҳеҷ воқеае рух надода. Як муаллифи дар ҳақиқат соҳиби вазифаи баланд ба рӯзнома, ба унвони банда ҳикоя фиристода, онро мехонам, ба чоп омода месозам. Аз ҷиҳати дигар ӯ - Холмурод Шарифов аҳли фазл, олим, нависанда, асарҳояшро хондаам, писандам афтода онҳо.

Дар як шумораи «Садои Шарқ» хотираҳои дӯстону азизон аз зиндагӣ ва рӯзгори шоири маҳбуб Мирзо Турсунзода, ки ҳамин сол аз олам гузашта буд, ба табъ расид. Миёни онҳо мақолаи Холмурод Шарифовро ҳам хондам, хушам омад он. Лаҳзаҳои видоъ бо шоир бо сӯзу гудоз оварда шуда. Ҳама мегирянд, гӯё замину осмон гирён. Аз ҷумла, навишта шуда:

«26 сентябри соли 1977. Офтоб бо ҳама гармиаш издиҳоми одамонро, ки дар майдони «800-солагии Москва» ҷамъ омада буданд, парешон карда наметавонист... Майдон пур аз одам. Одамон ба якдигар ҷафс шуда, барои видоъ бо шоири маҳбуб шитоб доштанд.

...Ҳозирон аз бори андуҳ сархам, ҷасади ӯро гӯё бар дӯши худ бардошта, ба сӯи боғи Лучоб раҳсипор гардиданд, ки манзили абадии ӯ қарор ёфта...».

Хаёлам ба Мирзо Турсунзода, ҳамроҳи Холмурод Шарифов ба кишварҳои ҳамсоя, ба мамлакатҳои дур сафар карда. Бо ҳам меҳрубон, бародар, дӯст... Мирзо Турсунзодаро пас аз марг тавассути қиссагӯиҳои Холмурод Шарифов зинда, дар ҳаёт медидам.

Зери таъсири навиштаҳои Холмурод Шарифов будам. Ҳушу хаёлам ба ӯ, аз хӯрокхӯрӣ баргаштам. Акнун ба паси мизам гузашта будам, ки дари ҳуҷра кушода шуд. Ҳамон ҳамкорам. Дар лабонаш табассум.

- Кароматулло, - гуфт ва аз дар даромад, - ин тараф биоед, - ба долон хонд ӯ маро. - Назди муҳаррир дароед, - бо ҳамон ҳоле, ки дар лабонаш табассум мавҷ мехӯрд, фармоиш дод.

Муҳаррир интизорам будааст.

- Шинед, - ба курсии наздаш гузошташуда ишора кард. - Холмурод Шарифов ҳикоя фиристоданд? - пурсид аз ман.

- Ҳа.

- Хондед?

- Алҳол нахондаам.

- Нағз нашудааст, бояд мехондед. Агар ба ман сим зананд, чӣ ҷавоб мегуфтам? Мегуфтам, ки ҳоло нахондаем. Ин хел мақолаҳоро зудтар хонда, ба чоп супоридан зарур.

- Вақти зиёд нагузаштааст, ду-се соат пештар оварда буданд.

- Як соат ҳам ҳақ надорем, чизи фиристодаи Холмурод Шарифовро нигоҳ дорем. Ё намедонед, ки он кас кистанд? Лекин ман ҳайрон ҳастам, ки чаро ҳикояашонро ба шумо фиристоданд? Рӯзнома муҳаррир дорад, ман набошам, ҷонишин, баъд котиби масъул ҳаст. Ё шумоҳо шинос ҳастед?

- Бале, он кас маро мешиносанд.

- Ин тавр бошад, аз шумо тарсидан лозим. Эҳтиёт мешавем.

- Чаро ин тавр мегӯед?

- Шӯхӣ кардам. Аммо аз як чӣ ҳайрон ҳастам. Медонед - а, аз болои муҳаррир навиштаанд. Албатта, дар он имзои шумо нест. Ташаккур мегӯем. Лекин Холмурод Шарифов аз куҷо ҳамаи гапу ҳарфи идораи рӯзномаро медонанд? Ҳайрон будам, фикр мекардам...

- Хаёл мекунед, ки ман ба он кас хабар мебарам?

- Оташин нашавед, мулло Кароматулло, - аксар дар лаҳзаи қаноатманд набуданаш аз ягон мақола ё кору амалам ҳамин тавр муроҷиат мекард ба банда муҳаррир, - нагуфтам, ки шумо хабар мебаред, шуморо медонам. Лекин ман ҳайрон, ки бо Холмурод Шарифов чӣ хел шинос ҳастед? Ё баъзе миш-мишҳо, ки шумо ҳам аз водии Зарафшонед... - муҳаррир ҳам ба мисли он ҳамкорам дар андеша будааст.

Табассум кардам, бо ҳамон ҳол ба ӯ ёдаш овардам: - Ба деҳаи мо рафтуо дорам, шиносҳояшон он ҷоянд. Боз гуфтам, ки гоҳе ба банда телефон мекунанд. Ҳикояҳоямро дар «Садои Шарқ» хонда будаанд. Баъд боз гуфтам, ки худам ҳам ба он кас сим зада будам, ки ҳикояашон ба ман писанд шуд.

Муҳаррир давом намуд:

- Корҳо он қадар нағз нест, ба наздикӣ тафтиш мекунанд, маҷлис мешавад, шояд Холмурод Шарифов ҳам оянд. Агар шинос бошед, ҳақиқати ҳолро ба он кас бигӯед, фаҳмонед, ки дар идораи рӯзнома мансабхоҳон ҳастанд, иғвогарҳо бисёр, кор кардан душвор. Худатон медонед, мешиноседашон. Ё дурӯғ мегӯям?

Ҷавоб нагардондам.

- Нашунидед, чӣ гуфтам? - димоғаш сӯхт, ранги рӯяш дигар шуд, аз ҷояш бархост, аз як шишаи болои миз чанд панҷа об ба рӯяш зад.

- Имрӯзҳо мегузаранд, додарам, - гуфт норизоёна ва таъкид кард, ки ҳикояи Холмурод Шарифовро дераш то соати ёздаҳи пагоҳ ба дасташ супорам ва гӯшаки телефони дохилиро бардошт, котиби масъулро пурсид. Ба ӯ фармуд, ки ба ҳикояи Холмурод Шарифов дар шумораи оянда ҷой гузорад.

Ба идораи рӯзнома комиссияҳо омаданд. Лек, чӣ хеле ки муҳаррир чашмдор буд, Холмурод Шарифов наомад.

**ШАРИФОБОД**

Пирамард вақте ба бӯстонсаро наздик омад ва ба таги дарвозаи дуқабатаи оҳанини боҳашамат расид, борхалтаашро аз китф ба канори ҷӯй, ба сояи дарахти тут гузошт ва такя ба асо рӯ ба лавҳае, ки бо ҳарфҳои хоно «Шарифобод» навишта шуда буд, биистод. «Шарифобод», пирамард такроран ин калимаро ба забон овард. Пеши назараш дарёи пуртуғёни Кофарниҳон, ки мавҷҳои он сар ба сангҳои соҳил мехӯрданд, дарахтон, гулу буттаҳо, хуллас, манзараҳои зебои зиёде намоёнтар гаштанд. Боғ, бӯстонсаро...

Пирамард деҳу мавзеъҳоеро медонад, ки бо номи одамон омада: Муъминобод, Мискинобод, Ҷобиробод, Қосимобод... Ва ҳоло бӯстонсарое - Шарифобод.

Аз афташ, ин марди некрой ин боғу майдонро бунёд ниҳода, «Офарин, хушбахт буда ӯ, Худо дод». Пирамард гӯё ба Шариф ном шахс аҳсант мехонд, ки аз вай дар ин дунё ном монда, нишон монда...

Пирамард лаҳзаҳо зери сояи тути канори дарвоза биистод, дам гирифт, хастагиаш рафъ гашту ба суолаш ҷавоб пайдо накарда, борхалтаашро ба китф бардошт, боз қадам ба роҳ бурд.

Имрӯзҳо, ки аз набудани мошинҳои роҳ, автобусҳо аксари мардуми деҳаҳои атрофи Ромит гоҳо пиёда мемонанд, аз канори бӯстонсарои Шарифобод мегузаранд, бо ҳамин роҳ боз ба кулбаҳояшон бармегарданд. Бисёранд мусофирон, ба қавле беҳисоб. Ва табиист, ки нигоҳи аксари онҳо ба лавҳаи «Шарифобод», ба бӯстонсаро бармехӯрад. Мисли пирамард аз худ суол мекунанд: Шариф кӣ бошад: чаро ин бӯстонсаро номи ӯро дорад?

Албатта, аҳолии аксари деҳаҳо - роҳгузарҳо ба саволи худ ҷавоб ёфтаанд, ба дигарон гуфтаанд, нақл кардаанд, ки ин боғу майдон чӣ тавр ва бо чӣ душвориҳо ба вуҷуд омада ва кӣ сабабгор гашта.

Он вақт Холмурод Шарифов акнун ба вазифаи сарварии Кумитаи давлатии табъу нашри ҷумҳурӣ омада буд. Соҳаи нобасомон, парешон, шароити зисти мардум бад, аксар бесарпаноҳ, осуда набуданд. Агар ҳол чунин бошад, аз онҳо чӣ тавр меҳнати босамар бихоҳӣ, иҷрои нақшаҳояшон бипурсӣ?

Бо фаъолияти ӯ аз ҳама аввал сохтмони хобгоҳҳо, хонаҳои истиқоматӣ оғоз ёфтанд, ташвиши кормандони соҳа баҳри бӯстонсаро ҳам ҳамон рӯзҳо сар шуд.

Замине ки бо розигии ҳукумати шаҳри ҳоло Ваҳдат бо ин мақсад ҷудо шуд, санглох, санг, ҳама санг



буд ва он ҳам бо осонӣ ба даст наомада. Ба гуфтае, ки Холмурод Шарифов таги дари ҳуҷраҳои бисёр мансабдорҳоро охурча карда, обрӯю эътибори бузургаш дар ин роҳ ба ӯ мадад расонд.

Баъд кор шурӯъ шуд. Ташвиш, таҳлука: мошин ёб, трактору кран биҷӯ. Ҳашар мекарданд. Матбаачиён, ноширон ба ҳашар меомаданд, рӯзҳои дамгирӣ дар соҳили дарё мегузашт. Худи Холмурод Шарифов ҳама рӯз то бегоҳ бо онҳо. Корҷома дар бар бо дигарон заҳмат мекашид. Ҳаво гарм, сангҳо аз тобиши офтоби сӯзон метафсиданд, даст ба онҳо бурда намешуд. Гӯё офтоб паст фаромада. Канори дарё мисли оташдон. Як ниҳоли сабз, дарахте набуда, то сар панаҳ барӣ, дар сояаш биншинӣ. Ҷои боғ - бӯстонсарое, ки ҳоло роҳгузарҳо, мардум дар он лавҳаи «Шарифобод»-ро мебинанд, ана ҳамин гуна мавзеъ буд. Ҷое, ки ниҳол, дарахте наменамуд, ҳоло гулафшон, ба мисли дастагуле. Бо меҳнат онро бунёд карданд. Холмурод Шарифов пешдаро, корфармо. Хонаҳо сохтанд. Дар солҳои сарварии Холмурод Шарифов Кумитаи давлатии табъу нашр дур аз Душанбе, дар соҳили дарёи шӯху пурталотуми Кофарниҳон соҳиби истироҳатгоҳ гашт. Мардуме, ки дирӯз ин ҷо ниҳол мешинонданд, ба кулбаҳо пойдевор мегузоштанд, акнун ҳафтаҳо, рӯзҳо дар ин ҷо, дар соҳили дарё дам мегирифтанд, бо аҳли оилаашон меомаданд. Дар қатори даҳҳо истироҳатгоҳҳои дар дараи хушманзараи Ромит, қад-қади дарёи Кофарниҳон ҷой ёфта боз як осоишгоҳ.

Солҳо ноаён мегузаштанд, ба мисли обе, ки аз дарёи Кофарниҳон рӯ ба водиҳо ҷорӣ шуда. Соли 1979 Холмурод Шарифов раиси Кумитаи давлатии табъу нашри ҷумҳурӣ таъин гардид. Соли 1990, соле, ки кормандони соҳаи табъу нашр ӯро бо обрӯю эътибори зиёд ба кори дигар - мушкилтар ва бошарафтар мегуселонданд, мӯйҳои сараш сафед шуда, ба монанде, ки ба ҳисоби ҳар як тори он ба мардум, ба Ватан нафъ оварда, беҳуда рӯз нагузаронда, беҳуда мӯйҳои сиёҳашро сафед накарда...

Дар ҷаласаи ҳайати машваратии Кумитаи давлатии табъу нашри ҷумҳурӣ, ки дар он хизматҳои Холмурод Шарифов ба хотир оварда мешуд, аз вай изҳори миннатдорӣ мекарданд, иштирок доштам. Дар ҳаққаш суханҳои нек мегуфтанд. Банда ҳам рӯзҳои шиносоӣ ба ӯ, бо ӯ ҳамкор буданамро ёд меовардам, ёди нек, шахси некхоҳ, боадолат. Он рӯз роҳи тайнамудаи вай, ба назарам хеле тӯлонӣ, пурпечутоб, душвор менамуд, пеши назарҳо меомад, худаш низ ба хаёл монда, ба хаёли рӯзҳои рафта, ҷавонӣ... Аз рӯзҳои роҳбарии ӯ дар соҳили Кофарниҳон боғ-бӯстонсаро. Ва ҳамон рӯз бо таклифи вазири фарҳанги ҷумҳурӣ Бобохон Маҳмадов аҳли ҷаласа қарор доданд, бӯстонсаро ба номи Холмурод Шарифов гузошта шавад, имрӯз акнун он Шарифобод ном гирифта. Дарёи Кофарниҳон аз канори Шарифобод равон, мисли умри одамӣ даргузар. Вале ном, номи Шариф монда, Шарифобод зикри забонҳо.

**РӮЗҲОИ ҲАМКОРӢ**

Дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») мудири шуъбаи адабиёт ва санъат шуда кор мекардам. Ба ҳуҷраамон директори нашриёти «Маориф» муҳтарам Собир Хоҷаев даромаданд, саломалейк кардем. Бе ягон истиҳолаю андеша ба банда муроҷиат намуданд:

- Кароматулло, мо туро ба вазифаи мудири шуъбаи адабиёти бачаҳо ва ҷавонон ба кор мегирем. Талабгорҳо бисёранд. Холмурод Шарифов ҷонибдори худат. Хоҳиши худам ҳам ҳамин, - гуфт Собир Хоҷаев ва пас аз лаҳзаи сукунат биафзуданд: - Чӣ мегӯӣ, ба нашриёт ба кор мебиёӣ?

Розӣ шудам.

Моҳҳои аввали корам дар нашриёт, аз афташ, Холмурод Шарифов ба ман кумак расондан мехостанд. Вомехӯрдем. Тавассути директори нашриёт, сармуҳаррир ё ҷонишинаш аз ҳолу аҳвол, корҳоям пурсон мешуд, ба онҳо дар омади гап мегуфтааст, ки ба банда, ки таҷрибаи ноширӣ надоштам, мадад расонанд. Ба як семинари ноширон, ки дар шаҳри Тошканд барпо гашта буд, ба ҷои кадом як мудири шуъбаи «боobрӯ»-и нашриёт худи Холмурод Шарифов номи маро нависонда, дар чанд ҷаласаҳои ҳайати мушовара бо хоҳиши раис аз номи аҳли нашриёти «Маориф» баромад кардам. Ғамхориҳои раиси Кумитаи давлатии табъу нашри ҷумҳурӣ дар ҳаққи банда баъзеҳоро ба кӯчаҳои фикру андеша мебурд. Гӯё баҳри ба вазифаи баландтаре соҳиб шудан маро ба нашриёти «Маориф» овардаанд, баъзе соҳибмансабҳо норизо, дар шубҳа. Ҳамон чанд ҳарфи дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» шунидаам боз ба гӯшам меомад: «Банда ҳам аз водии Зарафшон, аз ноҳияи Айнӣ?».

Гап-гапи ташкил ёфтани нашриёти нави адабиёти бадеӣ – «Адиб». Яке аз онҳое, ки баҳри бунёди он мекӯшид, Холмурод Шарифов буд. Моҳи апрели соли 1987 нашриёти «Адиб» таъсис ёфт. Шуъбаҳои адабиёти бадеии нашриётҳои «Ирфон», «Маориф» ба он ҳамроҳ. Кормандон, ноширонаш ҳам. Ҳар кадоме ба ҳар вазифае. Банда ба сармуҳарририи адабиёти ҷавонон ва наврасони нашриёти «Адиб» тавсия шуда будам, назди Холмурод Шарифов дароманам лозим будааст.

- Чӣ гап, мулло Кароматулло? - лабони Холмурод Шарифов моили табассум буданд. Ӯ пайкарашро ба пушти курсии нишастааш рост кард.

- Намедонам, ба худатон маълум будагист, - навиштаҳои ба номи раис расидаро дар назар доштам.

- Беҳуда, - бо ханда афзуд Холмурод Шарифов, - дар интихоби роҳбари нашриёт маҳалҳо ба ҳисоб гирифта шавад, гуфтаанд, мардум шубҳа кардаанд, - ва пас аз андаке таваққуф биафзуд: - Фармон имзо шуд. Шумо сармуҳаррир, муваффақият мехоҳам. Табрик.

Холмурод Шарифов аз вазифаи раиси Кумитаи давлатии табъу нашри ҷумҳурӣ рафтанд. Банда сармуҳаррири нашриёти «Адиб», аз он кас хурсанд, миннатдор. Дар ёдам мондаанд. Чанд лавҳа навиштам.

# ЗАМИНРО БОЯД ҲИФЗ КАРД

## ТАҒЙИРЁБИИ ТАРКИБИ ЗАМИН ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ УСТУВОРИ КИШОВАРЗӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ҷумҳурӣ захираи замини киштбоб маҳдуд аст, аз ин сабаб мо бояд заминҳои шӯр, ботлоқзор, беобро ба гардиши кишоварзӣ ворид созем. Бо ин роҳ метавонем, ки тақсимоти заминро ба ҳар нафари аҳолӣ зиёд кунем. Имрӯз ба як нафар 0,12 га замин мерасад ва дар як гектар замини обӣ вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ аз 4 то 8 нафар деҳотӣ ба ҷои кор таъмин мебошад. Дар сурати зиёд шудани теъдоди заминҳои обӣ ва тағйирдиҳии таркиби замин ин рақамҳо метавонанд афзоиш ёбанд. Ҳоло ин нишондиҳанда қаноатбахш нест. Сабаб, аз як тараф, афзоиши бемайлони шумораи аҳолӣ бошад, аз ҳисоби дигар, беэътиборӣ нисбат ба беҳдошти замин аст. Дар заминҳои обӣ манзили истиқоматӣ низ месозанд, ки ин боиси кам шудани заминҳои корам мегардад.

Таъмини амнияти озуқаворӣ, ки он яке аз ҳадафҳои муҳими Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, бештар аз сатҳи соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи кишоварзӣ аз ҳолати мелиоративии замин вобастагӣ доранд. Бояд гуфт, ки мелиоратсия яке аз масъалаҳои асосии сиёсати аграрии Ҳукумати Тоҷикистон мебошад, ки дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши бориз бозида, амалисозии он тақозои замони муосир ва фардост.

Амалигардии ҳадафҳои сиёсати аграрии кишвар аз бисёр ҷиҳат имкон медиҳад, ки замин ҳамчун тавлидкунандаи неъматҳои моддӣ ба коҳиш додани маводи воридотӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат мусоидат намояд. Мувофиқи маълумоти омори аграрии умумиҷаҳонӣ зиёда аз 20 давлати дунё дар таъмини озуқаворӣ ба аҳолӣ сахт танқисӣ мекашанд, чунки захираҳои табиӣ ва имкониятҳои мавҷударо оқилона истифода намебаранд, дар ҳоле ки потенсиали аграрии чунин давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, хеле фарох буда, он имкон медиҳад таъмини амнияти озуқаворӣ ва иҷрои барномаи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ амалӣ гардад. Дар дунё 36 миллион гектар замин аз сабаби истифодаи нодурусти агротехникӣ аз ҳосилдиҳӣ мондааст ва ин ҳолат бояд ягон кишвари аграрӣ ё саноатӣ - аграриро бетаваҷҷуҳ намонад. Ҳоло дар мамлакати мо низ, бинобар истифодаи нодурусти обмонӣ ва дигар ҳолатҳои табиӣ, шӯршавӣ аллакай ба 20 дарсади заминҳои корам таҳдид менамояд.

Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба технологияи муосири истеҳсолӣ ва маҳсули зеҳнии мутахассисони соҳа алоқаманд аст. Ин нукта дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 ба таври мушаххас чунин шарҳ ёфтааст: «Роҳбарону мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд. Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд».

Бояд зикр кард, ки номусоидии боду ҳаво ва таъсири табиат заминро аз неруи ҳаётбахшӣ маҳрум месозад. Ин ҳолати табиӣ аст, вале қудрати инсонӣ қодир аст онро барқарор намояд ва ин ғайриимкон нест, аммо фаврӣ аст, на тӯлонӣ. Дар ин сарзамини файзрезу ганҷхез мо ҳуқуқ надорем ва бояд имкон надиҳем, ки бо сабабе як ваҷаб замин аз гардиши кишоварзӣ берун монад. Ғараз аз ин гуфтаҳо, тадбирандешӣ ва роҳандозӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани таъсири табиат ва дигар омилҳо ба ҳолати замин мебошад, ки инсон қодир аст дар ин давраи болоравии технологияи инноватсионӣ оқибатҳои номатлуби номусоидии иқлимро дар ҳар вазъият бартараф созад ва пеши роҳи шӯру ботлоқшавии заминро гирад.

Ин аст, ҳадаф аз рушди устувор, ки ҳоло меҳвари асосии тараққиёт дар дилхоҳ соҳа мебошад. Ҳар як дастоварде, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба каф меояд ва он боиси фаровонии бозори истеъмолӣ мегардад, ба соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқ - кишоварзӣ рабт дорад, ки он зиндагии шоистаи мардумро таъмин менамояд.

Солҳои охир таъсири манфии тағйирёбии иқлим вазъи мелиоратсияро печидатар мегардонад. Дар 60 соли охир дар Тоҷикистон ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво як дараҷа баланд шудааст, ки он вазифаҳои нав ва мураккабро пеш меорад. Имрӯз замин ба наҷотбахшу заминбон ниёз дорад. Иншооти мелиоративии мавҷуда дар мувозинати хоҷагиҳои деҳқонӣ монданд ва шабакаҳои ирригатсионӣ фарсуда шуданд. Соҳибкорон онро уҳда карда натавонистанд.

Мақсади ҳама гуна барнома, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии деҳот ва дар ин замина беҳтар гардондани сатҳи зиндагии шоистаи шаҳрвандони мамлакат мебошад, аммо имрӯз замин ба беҳдошӣ зарурат дорад, тағйирёбӣ ва эрозияи таркиби замин идома дорад, вале ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани қитъаҳо ба оҳистагӣ сурат мегирад.

Аз рӯи маълумоти кадастри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2017 масоҳати заминҳои обӣ 757842 гектарро ташкил дода, заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба 8823 га баробар аст.

Аз маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёриии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки солҳои 2019-2022 ва даҳ моҳи соли 2023 ҳолати мелиоративии 46718 га замин беҳтар шудааст, ки ба беҳтаргардии соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Бахши мелиоратсия барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ нақши асосӣ мебозад, вале ин бахш айни замон ба як қатор мушкилот: фарсуда шудани инфрасохтори мавҷуда, зиёд гардидани майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои корам, эрозияи заминҳои обӣ, кам будани мутахассисони соҳавӣ, нарасидани маблағҳо барои хариди таҷҳизот рӯ ба рӯ гардид.

Роҳандозии мусоиди мелиоратсия ва дар амал татбиқ намудани он барои зиндагии на танҳо 46 дарсади аҳолӣ, ки ба кишоварзӣ машғуланд, балки барои миллионҳо нафар сокинони кишвар зиндагии шоиста фароҳам меорад ва дар ин замина, яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ таъмин хоҳад гашт. Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо талошҳои худ қадам ба масъулият гузорад ва ин масъулиятро ба амалҳое табдил диҳад, ки дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт иҷро гарданд ва олимону мутахассисонро водор созад, ки дар ҳалли ин мушкилот тадбирандешӣ намуда, аз авҷгирии тағйирёбии таркиби замин ҷилавгирӣ карда шавад.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Азимов Сорбон Одинашоевич (РМА 046700115, РЯМ 0130191472) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсус, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ҳамрохонов Сафаралӣ Сафаралиевич (РМА 045858857, РЯМ 0130187237) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии №0327747, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 16- уми июни соли 2021 таҳти №44997 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Ҳувайдуллоев, бинои 1, хонаи 21 ба Гасанова Алия Ибрагимовна (РМА 045277038) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Олимов Сайдалихуҷа Қурбонхоҷаевич (РМА 155122473) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №1993-и гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Фархор ба суроғаи ноҳияи Фархор, Ҷамоати деҳоти Хуросон, деҳаи Д. Боҳтур ба Каримов Мирзохон (РМА 205321287) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Варзоб соли 2022 ба Олимов Сайдалихуҷа Қурбонхоҷаевич (РМА 155122473) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №302901, ки онро Омӯзишгоҳи касбии №1-и шаҳри Душанбе соли 1987 таҳти қайди 6840 бо ихтисоси «Монтёри барқӣ» ба Мухамедов Рафаил додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Коллеҷи тарбияи ҷисмонӣ соли 2013 ба Муҳаммадкарими Ғуломалӣ (РМА 046659790) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №0014079, ки онро Омӯзишгоҳи касбии №1-и ноҳияи Ҳисор соли 2008 таҳти қайди 0526 бо ихтисоси «Кафшергари газию барқӣ» ба Рустамов Амиралӣ Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Камолов Умедҷон Эгамбердиевич (РМА 335238302, РЯМ 0130181389) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- АТУ №1137659, ки онро МТМУ-и барои наврасон ва калонсолон (ғоибона) дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 ба Ҳасанзода Шаҳло (РМА 025878707) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД- 2 дар ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи 57 ба Ҷафаров Асатулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи асосии манзили истиқоматӣ таҳти №201, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Бохтар 13-уми августи соли 1966 бо суроғаи шаҳри Бохтар, кӯчаи Баҳор, хонаи 172 ба Абдулхадов Исматулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории №10491-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 29 октябри соли 1987 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Дарёбод, хонаи 48 ба Шоев Тағаймурод Хайдарович (РМА 125187683) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Адраси Душанбе» (РМА 030032570, РЯМ 0310020810), ки 18-уми январи соли 2021 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ширкати сохтмони Зиҷин Тоҷикистон» (РМА 600014230), ки 25- уми майи соли 2022 дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Музаммир» (РМА 050015553, РЯМ 0510009849), фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 8 январи соли 2024, соати 15:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34640 нусха*

Навбатдорони шумора
Н. Низомӣ
ва С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97